ISSN 9789-9985
№ 1 (49) 2021

# КАС ТОҶИКИСТОН: ИҚТИСОДИЁТ, ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНӢ

# АПК ТАДЖИКИСТАН: ЭКОНОМИКА, ОРГАНИЗАЦИЯ И УПРАВЛЕНИЕ

# IAC TAJIKISTAN: ECONOMICS, ORGANIZATION AND MANAGEMENT

МАҶАЛЛАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИЮ ИСТЕҲСОЛӢ
ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ
THEORETIC AND SCIENTIFIC-PRACTICAL MAGAZINE



**ББК: 65.5+65.9(2 тоҷик)+41/42+44+65**
**ТДУ: 33 тоҷик+338+336+339+63+365+634**

Соли 2009 таъсис ёфтааст.

**МУАССИС:**
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

**САРМУҲАРРИР:**
Ҷ.С. Пиризода - д.и.и., академик

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
А.Б. Мирсаидов – д.и.и. профессор
З.Р. Шарифов – д.и.и. профессор
Т.Т. Набиев – д.и.и.
К.Н. Файзуллоева – н.и.и.
Н.И. Амиров – н.и.и.
Ш.Т. Одинаев – н.и.и., дотсент
М.Д. Шоазизова – н.и.и.
Ш.Х. Махмудова – н.и.и.
Т.Р. Ергашева – н.и.и.

**МУҲАРРИРОН:**
Қ.Ш. Шамсиев – д.и.и.
Х.М. Давлатов – н.и.и., дотсент
Г.А. Бораҷабова

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**
Д.Ҳ. Ахмедов Д.Ҳ. – н.и.и.

**СУРОҒА:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Ҳаёти нав, 306.
Индекси почта – 734049,
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
**Тел./факс (372) 236-37-67**

Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (№0082/МҶ аз 25.01.2017 с.) ба қайд гирифта шудааст

***Масъулият ва дақиқии маводи чопшуда ба зиммаи муаллифон вогузор аст.***

Основан в 2009 г.

**УЧРЕДИТЕЛЬ:**
Институт экономики и систеиного анализа сельского хозяйства ТАСХН

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
Дж.С. Пиризода – д.э.н., академик

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
А.Б. Мирсаидов – д.э.н. профессор
З.Р. Шарифов – д.э.н. профессор
Т.Т. Набиев – д.э.н.
К.Н. Файзуллоева – к.э.н.
Н.И. Амиров – к.э.н.
Ш.Т. Одинаев – к.э.н., доцент.
М.Д. Шоазизова – к.э.н.
Ш.Х. Махмудова – к.э.н.
Т.Р. Ергашева – к.э.н.

**РЕДАКТОРЫ:**
Қ.Ш. Шамсиев – д.э.н.
Х.М. Давлатов – к.э.н., доцент
Г.А. Бораджабова

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАР**:
Д.Х. Ахмедов – к.э.н.

**АДРЕС ДЛЯ КОРРЕСПОНДЕНЦИИ:**
Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Хаёти нав, 306.
Почтовый индекс – 734049
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
**Тел./факс (372) 236-37-67**

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. (№0082/МҶ из 25.01.2017 г.)

***Авторы статей несут ответственность за содержание печатных работ.***

Sat up in 2009.

**CONSTITUTOR:**
Institute of economics and system analysis of agriculture of the Academy
of Agricultural Sciences

**EDITOR-IN-CHIEF**
S.J. Pirizoda - D. of e. s., academic

**EDITORIAL BOARD:**
A.B. Mirsaidov, D. of e. s, professor
Z.R. Sharifov - D. of e.s., professor
T.T. Nabiev - D. of e. s.
K.N. Fayzulloeva - k. of e. s.
N.I. Amirov - k. of e. s.
Sh.T. Odinaev - k. of e. s. dotsent
Sh. H. Mahmudova - k. of e. s.
M.D. Shohazizova - k. of e. s.
T.R. Yergasheva – k.of. e. s.

**EDITORS**
K. Sh. Shamsiev - D. of e. professor
M.Hk. Davlatov - k. of e. s. dotsent
A.G. Borajabova

**EXECUTIVE SECRETARY:**
H.D. Akhmedov - k. of e. s. dotsent

**ADDRESS FOR CORRESPONDENCE:**
Republic of Tajikistan.
Dushanbe city, Hayoti nav strit, 306
ZIP code – 734049
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
Tel./fax **(372) 236-37-67**

The journal is registered in Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan
(№0082/МҶ from 25.01.2017 y.)

***The authors of the articles are responsible for the contents of the printed works.***

Суроғаи бонкӣ: ИНН: 020002287
С/ҳ : 20204972712010100002
К/Х: 22402972000002. МФО: 350101800
БАНК: Департаменти маблаггузории БДА «Амонатбонк»

**© «КАС: Тоҷикистон: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ». 2021**

## МУНДАРИҶА

**Пиризода Ҷ.С., Аттоев Ф.Э.** Асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ ........ 4

**Ҳодиев Д., Сатторов Ё. А. О**милҳои таъсиркунанда ба раванди рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ........ 16

**Тоиров А.Ҷ.** Ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти қарзҳои дарозмуддат дар низоми бонкӣ ........ 22

**Ахмедов Д.Ҳ., Бозориев Р.** Танзим ва истифодабарии воситаҳои пулӣ дар шароити имрӯза ........ 32

**Бобоазиззода Ш. А., Арзиқулов Ш.Д.** Иқтисоди рақамӣ ва нақши он дар тоҷикистон ........ 38

**Қудратзода П.Қ., Ахмедов Д.Ҳ.** Маблағгузорӣ ҳамчун механизми руштдиҳандаи иқтисодиёти миллӣ ........ 47

**Одинаева С. Б.** Асосҳои илмию назариявии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар КАС ........ 53

**Имомализода Б.Б., Исоев А.Ш.** Самтҳои асосии такмили танзими давлатии бозори маблағгузории хурд ........ 60

## CONTENTS

**Pirizoda J.S., Attoev F.E.** Theoretical foundations of innovative-investment activity in energy enterprises ........ 4

**Hodiev D.A. Satorov Yo.A. F**actors affecting the development process of rural social infrastructure ........ 16

**Toirov A.J.** Theoretical aspects and classification of long-term loans in the banking system ........ 22

**Akhmedov D. Kh., Bozoriev R.** Regulation and use of money instruments in today's conditions ........ 32

**Babaazizoda sh. A., Arzikulov Sh.D.** Digital economy and its role in Tajikistan ........ 38

**Qudrazoda P.Q., Akhmedov D.Kh.** Financing as a mechanism for the development of the national economy ........ 47

**Odinaeva S. B.** Scientific and theoretical foundations ensuring food security in IAC ........ 53

**Imomaliev B.B. Isoev A.Sh.** The main points of improvement of the state regulation of the microfinance market ........ 60

ТДУ: 635.34.2.

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ-САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

**Пиризода Ҷ.С., Аттоев Ф.Э.**

**Аннотатсия**: дар мақолаи мазкур, масъалаи асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Қайд намудааст, ки дар шароитҳои муосир сармоягузорӣ ба рушди инноватсионии корхонаҳо аҳамияти калон касб кардааст. Ин сармоягузориҳо фаъолияти бомуваффақияти корхонаҳоро дар дурнамои дарозмуддат метавонанд таъмин намоянд.

**Калимаҳои калидӣ**: инноватсия, сармоягузорӣ, корхона, энергетика, фаъолияти сармоягузорӣ, иқтисодиёт, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бехатарии энергетикӣ, нерӯи барқ, захираҳои сармоягузорӣ, сарчашмаҳои буҷетӣ.

Дар ҷаҳони ба таври динамикӣ тағйирёбанда, ҷаҳони рақобатҳои сахт, сармоягузориҳои хавфу хатардор, имконияти даромадҳои аз ҳад зиёд ва варшикастагӣ яке аз тақозоҳои муҳимтарин самти инноватсионии ҷараёни инкишофи ҳар гуна системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳам дар сатҳи хурд ва ҳам дар сатҳи калон мебошад. Дастовардҳои инноватсионӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва навъҳои фаъолият шарти калидии рушд ва инкишофи ҳар гуна форматсияи иқтисодӣ маҳсуб мешаванд. Таъмини сатҳи лозимаи фаъолнокии инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ масъалаи марказии рушди бомуваффақияти давлат, соҳа, минтақа ва корхона мебошад.

Пайдоиши мафҳуми «инноватсия»-ро таҳқиқ намуда қайд кардан зарур аст, ки ҳанӯз дар асри XIX вай дар тадқиқотҳои илмии фарҳангшиносон зимни баёни истифодаи баъзе унсурҳои яке аз фарҳангҳо дар фарҳанги дигар мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар айни ҳол, тибқи қоида полоиши анъанаҳои нисбатан пешрафтаи аврупоӣ дар қиёс бо анъанаҳои ҷомеаҳои суннатии осиёӣ ва африқоӣ дар назар аст. Ва хеле дертар дар ибтидои асри XX мафҳуми «инноватсия» нисбат ба равандҳои фаъолияти хоҷагӣ истифода мебурдагӣ шуд[5].

Ба андешаи мо, дар шароитҳои муосир сармоягузорӣ ба рушди инноватсионии корхонаҳо аҳамияти калон касб кардааст. Ин сармоягузориҳо фаъолияти бомуваффақияти корхонаҳоро дар дурнамои дарозмуддат

метавонанд таъмин намоянд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки ҳам фаъолияти инноватсионӣ ва ҳам фаъолияти сармоягузорӣ бо навъи хавфу хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ мебошад ва саривақт ошкор намудани онҳо имкон медиҳад, таъсири манфии онҳоро ба ҳадди ақал бирасонем ва ё онҳоро тамоман бартараф кунем.

Бо мақсади тадқиқи мазмуни фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионии ташкилотҳо мафҳумҳои асосии ва унсурҳои ташкилдиҳандаи онро дида мебароем.

Игошин Н.В. чунин меҳисобад, ки «сармоягузорӣ ин харҷи маблағҳо ба хотири бозтавлиди сармоя, пуштибонӣ ва тавсеаи он мебошад» Ба ақидаи Игошин Н.В. «сармоягузорӣ дар шакли нисбатан умумӣ ин гузоштани маблағҳои озод ба шаклҳои гуногуни сарватҳои молӣ ва моддӣ мебошад»[2,с.74]

Сузукӣ М.,. Саидмуродов Л.Х, Солиев Омилҳое мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо сатҳи кушодии иқтисодиёт муайян карда мешавад, инҳо: тиҷорати хориҷӣ, ҳаракати сармоя, мубодилаи асъори миллӣ дар байни давлатҳо ва ғайраҳо маънидод карда мешавад»[7,с.71].

Умаров Х.У., Расулов Ғ. «....дар бозори ҷаҳонии сармоя Тоҷикистон, ҳамчун қарзгиранда боқи монда, бо пасандози дохилии нокифоя, барои ҷалби сармояи хориҷии мустақим эҳтиёҷи зиёд дорад, ки танзими сармоягузори дар ин самт бояд васеъ роҳандозӣ гардад»»[6,с.10].

Хусусияти асосии фарққунандаи замони ҳозира ин истифодаи хеле зиёди ин мафҳумҳо аз тарафи ҳамаи агентҳои системаи бозоргонии хоҷагидорӣ дар робита ба талаботи истифодаи фаъоли инноватсия барои таъмини афзалиятҳои рақобатнок маҳсуб меёбад. Дар мавриди суст шудан ва ё хомӯш гаштани детерминантҳои инноватсионии рушд метавон қайд кард, ки на танҳо барои субъектҳои хоҷагидорӣ, балки иқтисодии ин ё он мамлакат ва ҷаҳон дар маҷмӯъ, бонгҳои хатар мерасад. Дар ин робита Ж. Кондорсэ қайд кардааст: «Пешравии илм пешравии энергетикиро таъмин мекунад, ки он дар навбати худ дастовардҳои илмиро метезонад, ин таъсири мутақобилаест, ки такрор мешавад

ва бояд ба сабабҳои нисбатан фаъол, пурқудрати такмили зоти инсон нисбат дода шавад»»[1]

Дар робита ба ҳамин айни ҳол мавҷуд будани алоқаи мутақобила дар байни тадқиқотҳои илмӣ ва истеҳсолот зарурати тадқиқи нақши инноватсияро дар рушди иқтисодӣ асоснок намуда, гуногунҷанба будани ин алоқаи мутақобила боиси пайдо шудани як қатор консепсияҳо шуд, ки диққатро ба ҷанбаҳои гуногуни рушди инноватсионӣ равона кардааст.

Сарфи назар аз зиёд будани теъдоди тадқиқотҳои илмӣ дар масъалаи моҳияти инноватсия ва масъалаи рушди инноватсионӣ, ҳамаи муҳаққиқон ба як назаранд, ки инноватсия омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ буда ва бешубҳа дар ҷомеаи иқтисодӣ худташкилдиҳандаи ҷараёни таҳия ва татбиқи навоварӣ мебошад.

Шумпетер Й., ки пайрави Кондратьев Н. Д. буд, дар корҳои худ баён кард, ки чаро истеҳсолоти нав ва дар навбат худ соҳибкорони навовар тадриҷан ба вуҷуд намеоянд, балки якуякбора бо теъдоди хеле зиёд пайдо мешаванд. Гап дар сари он аст, ки рахнаи нав бо теъдоди на он қадар калони соҳибкорони навовари боистеъдод, ки диди махсус нисбат ба роҳҳои нав ва хислати пурқувват доранд, девори анъанаҳоро рахна карда арзи ҳастӣ мекунанд. Як ва ё якчанд тан аз ин қабил соҳибкорон роҳи дигаронро осон гардонида, дар навбати худ боиси пайдо шудани дигар соҳибкорон ва амсоли инҳо хоҳанд шуд. Хусусиятҳои вижаи ин падида аз он иборат аст, ки ин гурӯҳи соҳибкорон ба маротиб камтар соҳибкасбанд. Дар айни ҳол Шумпетер Й қайд мекунад, ки соҳибкори навовар имкониятҳои навро на месозад ва на бавуҷуд меорад. Онҳо худ ба худ вуҷуд доранд, ҷамъ мешаванд ва ҳатто онҳоро тарғибу ташвиқ мекунанд. Аммо бидуни соҳибкоре, ки ба навоварии муҳим дар соҳаҳои ҷудогона сармоягузорӣ мекунад ва дар натиҷа аз ҳар як навоварии асосӣ навовариҳои дуюм, яъне сармоягузориҳо ба вуҷуд меоянд, ки дар пахшу тақсими онҳо соҳибкорони мавҷи дуюм иштирок мекунанд, ин имкониятҳо ба амал баровварда намешаванд[8].

Нуқтаи муҳимми назарияи Шумпетер Й., ки асоси ҳамаи консепсияҳои инноватсиониро ташкил медиҳад, аз он иборат аст, ки муҳаррики пешравӣ дар шакли ҳаракати даврӣ на ҳар як сармоягузорӣ ба истеҳсолот, балки фақат сармоягузорӣ ба инноватсия, яъне ба татбиқи ба таври принсипиалӣ молҳои нав, техника, шаклҳои истеҳсолот ва мубодила ҳисобида мешавад.

Иқтисодчии маъруфи амрикоӣ барандаи ҷоизаи нобелӣ собиқ сокини Украина Кузнетс С. бо Шумпетер Й дар робита ба сабабҳои даврӣ будани рушди иқтисодӣ вориди баҳс гардида, мегуфт, ки дар хоҳиши соҳибкорон нисбат ба сармоягузорӣ ба таври принсипиалӣ ба навъҳои нави техника ё молҳо ҳеҷ гуна қонунияте вуҷуд надорад. Ба ақидаи ӯ инноватсияҳои инқилобӣ дар аксари мавридҳо ба таври нохудогоҳ, иттифоқан, дар зери таъсири вазъиятҳои муайяни беруна (тағйирёбии сиёсат, иқтисодиёт, пайдо шудани кашфиётҳои нав ва амсоли инҳо) ба вуқӯъ мепайванданд [9].

Инноватсия на танҳо самараи ҳифзи захираҳоро таъмин мекунад, балки ба сохтани соҳаҳои нави фаъолият мусоидат мекунад. Аммо барои пайдо шудани инноватсияҳо ва пахшу паҳн шудани онҳо шароитҳои зарурие лозим мебошад. Аз ин рӯ, вобаста ба ин масъала андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки шавқ ва майл ба фаъолияти инноватсионӣ аз вазъиятҳои муайяни беруна сарчашма мегиранд (механизми экзогенӣ); дигарон бошанд, сабаби навовариро дар кӯшиши соҳибкорон ба ҳадди аксар расонидани даромади худ мебинанд ва ин чизҳо ба мо асосу далел медиҳанд, ки дар бораи механизми дохилии технологии пешравӣ сухан бигӯем.

Менш Г., ки назарияи Шумпетер Й. эҳё карда тараққӣ дода буд, қайд мекунад, ки дар иқтисодиёти дунё ба таври пайваста чунин давраҳое рух медиҳанд, ки мамлакатҳо дар ҳолати бухронӣ қарор мегиранд ва аз он берун омадан бо техникаи мавҷуда, мавҷуд набудани қувваҳои инқилобӣ, ҳамон тавре ки ӯ онҳро ном мебарад, навовариҳои бунёдӣ имконнопазир аст[10].

Номавзунии фаъолнокии инноватсиониро Менш Г. бо хусусиятҳои фаъолияти иқтисоди бозоргонӣ вобаста медонад. Соҳибкор ба даромади ҷорӣ

нигоҳ карда ба вазъияти иқтисодӣ такя мекунад, сарфи назар аз алтернативаи дарозмуддати инкишофи техникӣ ба инноватсияҳои подарҳаво афзалият медиҳад, чунки онҳо хавфу хатари камтар доранд ва нисбатан арзон мебошанд. Инноватсиҳои қатъиро онҳо пас аз якуякбора коҳиш ёфтани самаранокии сармоягузорӣ дар самтҳои анъанавӣ, вақте қудрати иловагӣ пайдо кунанд ва вақте пеши роҳи ба бухрони амиқ ғӯтавар шудани иқтисодиёро гирифтан аз имкон берун бошад, оғоз мекунанд. Дар марҳилаи таназзул ворид кардани инноватсияҳои асосӣ имкони сармоягузории фоидаовар мебошад. Сарфи назар аз он ки даромад дар марҳилаи таназзул кам аст, моликон чунин меҳисобанд, ки ба инноватсия сармоягузорӣ кардан хавфу хатари камтар дорад, дар муқоиса ба маҳсулот ва технологияҳои қаблӣ. Билохира, инноватсияҳо таназзулро бартараф мекунанд. Ҳамин тариқ, мутобиқ ба ақидаи Менш Г. генератори шароит барои пайдоиши инноватсияе, ки пойгоҳи технологии мавҷи нави дарозмуддатро ташкил медиҳад, таназзул мебошад. Миқдори бештари инноватсияҳои пойгоҳӣ ба таназзулҳои вазнин ва дарозмуддат рост меояд.

Чун дигар давлатҳои дунё, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузорӣ мароқи зиёд зоҳир мекунад, кӯшиш мекунад шароити нисбатан мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ фароҳам созад. Қадами дигари пешбарандаро дар ин самт, барои танзими раванди ҷалби сармоя, 12 майи соли 2002 қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба сармоягузорӣ» гардид, ки солҳои 2015 ва 2018 тағъиротҳо ворид карда шуд. Қабули қонуни мазкур барои тағйир додани сиёсати давлат дар муносибат бо сармоягузорон ва мақсадҳои гузошташуда, ки барои ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунад, пешбинӣ гардида буд. Зеро беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ба фаъол кардани ҷалби сармоягузорӣ сахт алоқаманд аст. Ин раванд бештар ба он алоқаманд аст, ки ҷалби сармоягузорӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисод ба ҳисоб меравад.

Масъалаҳо, зарурати эҳё ва рушди минбаъдаи соҳаи инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тақозоҳои муосир ҳалкунанда мебошад,

чунки иқтисодиёт ҳангоми гузариш ба инкишофи устувори бахши воқеӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад.

Аз ин рӯ меъёри нишондиҳандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба тарзи гуногун пешниҳод карда мешавад, аз он ҷумла дар комплекси энергетикӣ бо иштироки сармоягузорони ватаниву хориҷӣ бо худ раванди бетанаффусро манзур месозанд. Бахусус баҳодиҳии босамари лоиҳаҳои сармоягузорӣ шарти асосии таъмини бехатарии энергетикии давлат ба ҳисоб меравaнд.

Аз ҳама муҳим барои сармоягузорон нишондиҳандаҳои соҳаи энергетика, сохтори тавозуни энергетикӣ ба ҳисоб меравад, ки бевосита ба самаранокии он ва хароҷот барои истеҳсоли нерӯи барқ алоқаманд аст. Тағйири нарх барои энергияи барқӣ номутаносиб мегузарад ва дар назди сохтори тағйирнаёбандаи тавозуни энергетикӣ мумкин аст бо калавишҳои чашмраси сарфа кардан дучор гардад ва рақобаткунандагонро муаррифӣ кунад ва ё аз байн барад. Омилҳои фазои сармоягузорӣ дар ин шароит бо таҷаммӯи шартҳо ташаккул меёбад, ки ба се сатҳ тақсим карда мешаванд: суботи сиёсӣ, бехатарии иқтисодӣ ва устувории фоидаоварии сиёсати интихобшудаи иқтисодӣ, сатҳи таваррум дар шароити иқтисоди озод.

Ин шартҳо муҳим будани ҷалби сармоягузориро муайян мекунад, то истифодаи даромаднокии захираҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд.

Қайд кардан зарур аст, ҳар он чи ки ба сарчашмаҳои буҷетӣ дахл доранд, андозҳо мебошанд, ки наметавонанд амалан аз ҳад баланд гарданд ва ҳам дар баробари ин хароҷоти давлатӣ низ аз якчанд зинаҳо поин фарояд.

Аз ин бармеояд, ки дар шароити мазкур талабот ба сармояи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мумкин аст, сатҳи ҳақиқии сарфаро баланд бардорад, ки бо худ ҳатто беқурбшавии пулро низ афзоиш диҳад ё қарзҳои зарурииро аз хориҷа дастрас кунад. Ҳангоми асоснок кардани меъёрҳои даромаднокӣ ва самаранокии лоиҳаҳои саромоягузорӣ, бештар ба он диққат бояд дод, ки чи тавр сарчашмаҳо бо фоиданокиашон дар сатҳи сифатан баланд тарҳрезӣ мешаванд. Омилҳои ҷалби сармоягузорӣ вақте воқеӣ мегарданд, ки фазои озоди сармоягузорӣ,

истеҳсолот ва ба даст овардани фоида ва доимӣ сарфа кардан таъмин гардад. Бо ҳамин тариқ сармоягузориҳо бояд маҳсулнокии баланди меҳнатӣ, истифодаи бо ҳам мутобиқи даромаднокию гардиши сармоягузориро фароҳам созанд. Дар алоқа ба ин даромаднокӣ ва таъсирбахшӣ истифода кардани захираҳои сармоягузориро зарур аст, аз мавқеи устувории соҳаҳои энергетикӣ ва ҷо ба ҷогузории сиёсии ташаккулдиҳандаи сатҳи рушд муайян кард, ки дар вектори иқтисоди саноатию индустриявӣ меъёргузорӣ карда мешаванд. Баъзе олимон чунин категорияро аз мавқеи муносибати нишондиҳандаҳои гуногуни захираҳои энергетикӣ таҳлил ва баррасӣ мекунанд, гурӯҳи дигари олимон тавсифи ҷузъҳои алоҳидаро аз мавқеи ягонагӣ ва яклухтии онҳо таҳлил менамоянд. Аз ин рӯ моҳияти иқтисодии категорияи «даромаднокии энергетикӣ» маънои нисбатан васеъ дорад, аз он нуқтаи назар, ки муносибатҳои гуногуни нишондиҳандаҳо ё ин ки интихоби соддаи тавсифи алоҳидаи маълумоти нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад. Ба маънои иқтисодии он баҳогузории мураккаби расидан ба мақсадҳои энергетикӣ дар лоиҳаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлатро ифода мекунад. Даромаднокии натиҷабахши энергетикиро мумкин аст дар намуди индикаторҳои тавсифкунандаи кӯшиши ҳифзи захираҳои энергетикӣ ва сармоягузорӣ, дар низомҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муаррифӣ кард.

Дар комплекси энергетикӣ даҳсолаи охир ба муаммои даромаднокии энергетикӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад, хусусан стратегияи рушди энергетикӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ коркард шуда истодаанд, ки заминаҳои истифодаи нерӯи барқ ва даромаднокии энергетикии истеҳсоли ватаниро пайгирӣ мекунанд. Тасдиқи ин гуфтаҳо мубрамияту муҳимияти мушкилоти даромаднокии энергетикӣ дар шароити саноатикунонии иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин меъёрҳои нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ба якчанд гурӯҳ тақсим мешаванд ва имкон медиҳанд даромаднокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳо муайян карда шаванд.

Барои танзими фоиданок ва натиҷабахш будани соҳаи энергетика, зарур аст

ба масъалаҳои модернизатсияи истеҳсолӣ ва муҷаҳҳазсозии истеҳсолӣ - техникӣ, ҷиҳати кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани фоиданокии истеҳсолӣ чораандешӣ намуд, ки барои ин нақши марказиро иҷрои вазифаҳои баланд бардоштани даромаднокии нерӯи барқ ташкил медиҳанд.

Ба андешаи Қаюмов Н.Қ. «....иқтидори захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 527 млрд. кВт. С. Дар як сол баҳогузорӣ карда мешавад ва дар шароити ҳозира аз онҳо ҳамагӣ 3,1%-и он истифода бурда мешавад»[4.с,405].

Дар кишварҳои рушдкарда ин муаммоҳо бо дигар тарзу усулҳо амалӣ мешаванд ва ҷанбаҳои дигар доранд, ки бештар аз шакли ниҳодии сармоягузорӣ вобаста аст. Механизми таъсиррасонии сармоягузорӣ дар ин ҳолат на танҳо ба миқдори ҳаҷми андухт, балки ба шумораи истеъмолкунандагон миёни истеъмолкунӣ ва андухт дар доираи захираҳои энергетикии истифодашуда муайян карда мешаванд. Умуман барои ҳамаи давлатҳо воситаи баҳисобгирии баланд бардоштани даромаднокӣ, истифодаи захираҳои сармоягузорӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, барои ҷорӣ кардани фаъолияти инноватсионӣ барои дилхоҳ агенти иқтисодӣ мавҷуд будани хислатҳои муайяне, ки замина барои таҳия ва татбиқи навоварӣ мебошад, дар назар дорад. Дар айни ҳол ҳузури захираҳои сармоягузорӣ, ки метавонанд барои ин кор истифода шаванд зарур мебошад.

Мавҷуд будани ақидаҳои гуногунро эътироф намуда, назарҳои гуногун дар бораи тарафҳои ҷудогонаи инноватсия ва сармоягузориро хулоса карда мо таърифи зерини фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузории субъектҳои хоҷагидориро пешниҳод менамоем: ин истифодаи дарозмуддати захираи сармояи худӣ ва қарзии корхонаҳо ба мақсади рушди инноватсионии онҳо, ки бо афзоиши сармоя дар шакли моддию пулӣ аз амалӣ намудани бозёфтҳои инноватсионӣ ба анҷом мерасад мебошад. Омилҳои муҳити беруна аз нуқтаи назари динамизми ҷараён гирифтани равандҳо метавонанд шартан ба ду блок тақсим карда шаванд: омории шартӣ ва омилҳои ҳаракатӣ. Таъсиррасонии омилҳои омории шартӣ дар муддати кӯтоҳ баробар карда шудааст. Инҳо омилҳо ҷуғрофиёӣ,иқлимӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, сиёсӣ,технологӣ мебошанд. Ба блоки

омилҳои оморию шартӣ инчунин андозаи субъектҳои хоҷагидориро, ки дар онҳо раванди инноватсионӣ-сармоягузорӣ ҷараён мегирад нисбат додан ммукин аст.

Кушодани моҳияти категорияҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ ва раванди инноватсионӣ имкон фароҳам овард, ки нақшаи сохтории мутобиқшуда, ки алоқаи мутақобилаи унсурҳои раванди инноватсионию сармоягузориро аз мавқеи муносибати системавӣ инъикос мекунад, таҳия карда шавад (рас.1.1.1).

Унсурҳои калидии ин нақша инҳо мебошанд:

а) муҳити инноватсионию сармоягузорӣ, ки ягонагии диалектикии инноватсия ва сармоягузориро бо ҷанбаҳояш ташкил медиҳад;

в) субъектҳои инноватсия ва сармоягузорӣ, ки метавонанд ҳам дар як симо ва ҳам дар шакли субъектҳои хоҷагидории гуногун пешниҳод гарданд;

в) фазои сармоягузорӣ;

г) сатҳи илмӣ-техникии рушди иқтисодӣ.

Таркиби инноватсионӣ ва муҳити инноватсионию сармоягузорӣ аз маҷмӯи субъектҳо, омилҳо ва механизмҳое, ки генератсияро анҷом медиҳанд ва ба ҷорӣ кардани паттернҳои инноватсияи ҷавобгӯ ба талаботи бозор мусоидат мекунанд, иборат мебошанд.




***Таҳияи муаллиф Рас. 1.1.1.*** **Нақшаи сохтории раванди инноватсионию сармоягузорӣ**

Раванди инноватсионӣ сармоягузорӣ дар зери таъсири омилҳо ва шароити муҳити дохилӣ ҷараён мегирад.

Муҳити дохилии раванди инноватсионӣ-сармоягузории системаҳои истеҳсолотӣ дар зери таъсири омилҳои бевоситаи мавҷуда дар соҳаи хоҷагидорӣ сурат мегирад. Ин омилҳои истеҳсолӣ машрут ба равандҳои сохтан, дар истеҳсолот ҷорӣ кардан ва дастёбӣ ба муваффақияти тиҷоратӣ дар бозори

навгониҳои мушаххас, ки ин раванд бо гардиши сармоя ҳамсафар мебошад ва омилҳои истеҳсолотӣ, марбут ба фаъолнокии сармоягузорӣ, ки барои ба таври муносиб ҷараён гирифтани ин раванд лозим мебошанд иборатанд.

Ҳамин тариқ, раванди инноватсионию сармоягузорӣ аз тарафи мо ҳамчун маҷмӯи амалҳое доир ба ҷустуҷӯ ва татбиқи навгониҳои мақсадноки тиҷоратӣ ва фаъолият бобати пайдо кардани тасмимҳои нисбатан фоидаовари сармоягузорӣ марбут ба иштироки сармоягузор дар идоракунии объекти сармоягузорӣ ба хотири ба даст овардани фоида аз сармоягузорӣ дар шароити муайяни муҳити сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.Олоти асоси дар айни ҳол фаъолияти инноватсионию сармоягузорӣ маҳсуб мешавад, ки ҳамчун фаъолияти созандаи инноватсия ва субъекти сармоягузорӣ дар робита ба ташкил ва идоракунии раванди инноватсионию сармоягузорӣ баромад мекунад.

**Хулоса.** Дар маҷмӯъ, рушди назария инноватсионию сармоягузорӣ ҳамчун масъалаи мубрами илмӣ, дорои аҳамияти муҳимми иҷтимоию иқтисодии фарққуннада бо навгонии принсипиалии хеш ва баланд бардоштани аҳамияти амалӣ баромад мекунад. Интиқоли захираҳои инноватсионӣ дар системаи иқтисодӣ дар ҷараёни ба амал баровардани фаъолияти сармоягузорӣ сурат мегирад. Дар ин робита ду масъалаи мутақобилан алоқаманди ҳаракати минбаъдаи раванди сармоягузорию инноватсионӣ дар корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлон ба амал меояд.

## АДАБИЁТ:


1. Голайдо И.М. Инвестиционный потенциал региона // Региональная экономика: теория и практика. 2008. №17 (74).
2. Игошин Н.В. Инвестиции. Организация управления и финансирование: Учебник для вузов. 2-е изд., пе- рераб. и доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. - 542 с.
3. Игонина Л.Л. Инвестиции: Учебное пособие / Под ред. д-ра экон. наук, проф. В.А. Слепова. - М.: Юристъ, 2002. - 480 с
4. Каюмов Н.К.. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. Душанбе-2013. С. 662. С -. 403-408.
5. Кондратьев Н.Д. Большие циклы конъюнктуры и теория предвидения. Избранные труды. М.: Экономика, 2002
6. Расулов Г. Инностранные инвестиции и их роль в развитии экономики

Республики Таджикистан/ Автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук. - Душанбе: 2005. - С. 10.

7. Сузуки, М. Макроиқтисодиёти кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ: Монография / М. Сузуки, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.А. Солиев. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 277 с.- С. 71-73.

8. Шумпетер Й. Теория экономического развития. М.: Прогресс, 1982

9. Экономическая теория: Учебник. Изд. испр, и доп. / Под об. Ред.академика В.И. Видяпина, А.И. Добрынина, Г.П. Журавлевой, Л.С. Тарасевича. М,: ИНФРА-М, 2005

10. ensch G. Stalemate in technology: innovation overcome the depression. Cambridge (Mass.). 1979.P. 14.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИННОВАЦИОННО-ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Пиризода Дж.С., Аттоев Ф.Э.**

**Аннотация:** в данной статье исследуется вопрос о теоретических основах инновационно-инвестиционной деятельности в энергетических предприятиях. Афтор отметил, что в современных условиях большое значение приобрели инвестиции в инновационное развитие предприятий. Эти инвестиции могут обеспечить успешную работу предприятий в долгосрочной перспективе.

**Ключевые слова:** инновации, инвестиции, предприятие, энергетика, инвестиционная деятельность, экономика, инвестиционные проекты, энергетическая безопасность, электроэнергия, инвестиционные ресурсы, бюджетные источники.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF INNOVATIVE-INVESTMENT ACTIVITY IN ENERGY ENTERPRISES

**Pirizoda J.S., Attoev F.E.**

Annotation: in this article, the issue of theoretical foundations of innovative-investment activity in energy enterprises is studied. He noted that in modern conditions investment in innovative development of enterprises has gained great importance. These investments can ensure the successful operation of enterprises in the long term.

Key words: innovation, investment, enterprise, energy, investment activity, economy, investment projects, energy security, electricity, investment resources, budget sources..

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Пиризода Ҷалил Сафар** – д.и.и., академик директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ;

**Аттоев Фируз Эмомалиевич - у**нвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ. Тел: +(992) 908-68-19-86.

**УДК: 338.431(575.34)**

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРКУНАНДА БА РАВАНДИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ДЕҲОТ

***Ҳодиев Д., Сатторов Ё. А.***

**Аннотатсия:**Дар мақола ҷанбаҳои илмию назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷараёнҳои рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии замони муосир, ки боиси пайдоиши дигаргуниҳои ҳаёти мураккаби умумиҷамъиятӣ гардидаанд, нишон медиҳанд, ки бартарии асосии рақобати кишварҳо ва минтақаҳо бо нишондоди микдорию сифатӣ бевосита бо рушди сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Дар чунин вазъият, масъалаи фароҳам овардани шароити мусоид, ки ҳаёти одамон ва рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсониро таъмин карда метавонад, аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

**Калимаҳои калидӣ:** деҳот, инфрасохтори иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, стандартҳои иҷтимоӣ, рушди деҳот, соҳибкорӣ.

Дар шароити суръатгирифтани муносибатҳои бозорӣ, мавқеъ пайдо кардани бахши хусусӣ дар муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, дигаргуншавии низоми идоракунии хоҷагидорӣ вобаста ба тақозои ҷаҳони муосир дар самти такмил ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоии ба талабот мувофиқ, низ тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд, ки ин тағйиротҳо дар шароити деҳот низ ба назар мерасанд. Қаблан мушкилоти алоқаманд бо таъмини инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо маблағгузории давлатӣ ҳал карда мешуд. Аммо бо байдо шудани соҳаҳои гуногуни маблағталаб ва мураккаб гардидани сохтори иҷтимоии давлат дар аксари мавридҳо мушкилоти алоқаманд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот сари вақт ҳали худро пайдо намекунад. Ин нуқта албата ба таври васеъ дар натиҷаҳои илмии Неъматов Б., Тағоев Ҷ.Ҳ. ва Аҳмадов Р. қайд шудааст. Мақсад аз муаррифии ин нуқтаи назар аз он иборат аст, ки баъди дигаргуниҳои сохтори дар низмои хоҷагидории Иттиҳоди давлатҳои мустақил, рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот зери таъсири омилҳои зиёде қарор гирифт, ки ҳануз ҳам аз таъсири онҳо роҳи тарақиёт ва рушди замонавиро пайдо накардааст. Аз ин хотир мо дар раванди таҳқиқ тасмим гирифтем, ки маҷмуи омилҳо, ки ба раванди такмилёбӣ ва ташаккулёбии инфрасохтори иҷтимоии деҳот бевосита ё бавосита таъсир

мекунанд, муайян намуда, вобаста ба хусусияти таъсири онҳо роҳҳои рушди ин инрасохтори иҷтимоии мусоидро барои аҳолии деҳот муайян намоем.

Дар мариди таҳқиқ натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ муайян намуданд, ки то ҳанӯз таснифоти ягонаи омилҳои таъсиррсон ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Роҷеъ ба таснифоти омилҳои алоқаманд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии аз ҷониби олимон ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Ҳар як муҳақиқ вобаста ба равияи омӯзишии худ, кӯшиш намудааст, ки маҷмуи омилҳоеро муайян созад, ки бевосита ба масъалаи таҳқиқ робита дорад. Гузашта аз ин мо чунин фикр мекунем, ки вуҷуд надоштани назарияи ягона оид ба таснифоти омилҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ин пеш аз ҳама ба зуҳур кардани ногаҳонии омилҳо, яъне хусусияти номуайянии онҳо инчунин аз сохтори ҷойгиршавии минтақа, намуди шуғл дар минтақа, сатҳи талаботи мардум роҷеъ ба истифодаи объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва ғ. вобаста мебошад. Дар ҳар сурат барои баровардани хулосаи аниқ роҷеъ ба таснифоти намуди омилҳои таъсиррасон ба инфрасохтори иҷтимоии деҳот, натиҷаҳои хулосаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ мавриди назар қарор дода шуда, сипас хулосабарори хоҳем кард.

Дар мавриди вобастагии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот Петренко И. Я. ва Чужинов П.И. қайд мекунанд, ки нахустин кӯшиши такмил ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоии барои аҳолии деҳот мувофиқ, ин бартараф кардани мавҷудияти таъсири манфии омилҳо мебошад. Ва дар ин росто онҳо қайд мекунанд, ки раванди ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ қабла бояд дар системаи комплекси агросаноатӣ ба назар гирифта шуда, сипас вобастагии онро аз омилҳои муайян кардан мумкин аст, ба монанди: шароити хок ва иқлим; релефи замин; ҳолати роҳ; маҳалли ҷойгиршавии хоҷагӣ; хусусиятҳои технология; ҷойгиршавии иншооти истеҳсолӣ; сатҳи тахассус; сатҳи консентратсия ва ғ. [1, с.560].

Воқеан, дар шароити муосир, деҳот ва кишоварзӣ маҷбуранд бо назардошти вазъи ғайриқаноатбахши тамоми системаи кишоварзӣ ва тарзи

ҳаёти деҳот фаъолият ва рушд кунанд. Вазифаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ барои ҷойгиркунии ҷузъҳои механизми иқтисодии соҳавӣ ва деҳот, муайян ва баррасии омилҳои дахлдори рушд талаботи нав ба миён гузоштанд. Дар ҳалли мушкилоти рушди деҳот ва инфрасохтори онҳо равишҳои гуногун мавҷуданд. Маълум аст, ки деҳот ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар деҳот, ин муҳимтарин такягоҳи аҳолии шаҳр дар робита ба қонеъсозии талабот ба маҳсулоти тозаи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад. Аз ин, рӯ аксарияти олимон таснифоти омилҳоро бо таваҷҷӯҳ ба рушди комплекси аграсаноатӣ таҷдиди назар кардаанд, ки ин албата аз аҳамият холи нест.

Ҳамин тавр, узви вобастаи Академияи илмҳои кишоварзии Федератсияи Руссия Огарков А.П. чунин мешуморад, ки сохтмони асосии деҳот бояд ҳамчун самти афзалиятноки рушди минтақаҳои деҳоти ҳар давлат дар нуқтаҳои аҳолинишин бо минтақаҳои ҳамаҷонибаи муҷаҳҳази функсионалӣ, таҷҳизоти муҳандисии зарурӣ эътироф карда шавад, то фарқиятҳои таърихан мавҷудбудаи шаҳрҳо ва деҳотро пешгирӣ кунанд, инчунин вайроншавии системаи шаҳраксозии деҳотро пешгирӣ кунанд ва дар баробари ин аз нигоҳи стратегӣ як низоми инфрасохтори хуби иҷтимоиро таъмин намоянд, ки аз натиҷаи таъсири омилҳо кам зарар бинад. Яъне у ба сифати омилҳои таъсиррасон мавҷуд набудани иншоотҳои муҳандисӣ ва баэътибор нагирифтани ҷойгиршавии дурусти объектҳои иҷтимоиро ҷудо намудааст [2, с.67].

Воқеан, дар мавриди ба талаботи замон мувофиқ сохтани инфрасохтори иҷтимоӣ бояд аз нигоҳи муҳандисӣ шуғли таърихан муҳим ё анъанавии ҳар як деҳот ҳифз карда шавад. Деҳоте, ки ба парвариши ҳайвонот, паранда, маҳсулоти полезӣ ва ба инҳо монанд аз қадим боз машғул буд ва малакаи зарурӣ дар ин самт дорад, набояд аз байн бурда шавад.

Ҳамин тариқ, Мичурин Ф.З. қайд мекунад, ки таваҷҷӯҳи махсус дар шароити муосир бояд ба такмил додани механизми идоракунии эҷоди инфрасохтори муҳандисӣ дар деҳот дода шавад, зеро бунёди шабакаҳои муҳандисӣ сифати зиндагии мардуми деҳотро дар баробари беҳбуди шароити

истеҳсолот беҳтар менамояд ва ба низоми инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъсири мусбӣ мерасонад [3, с.330].

Ба гуфтаи муаллиф, сатҳи рушди муҳандисии қаламрав ба рушди инфрасохтори иҷтимоии шаҳракҳои деҳот таъсир мерасонад. Баъзе унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ҳадафи дуҷонибаи функсионалӣ доранд: иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ. Инҳо иншооти муҳандисӣ, шабакаҳо, коммуникатсия мебошанд. Сатҳи баланди рушди муҳандисӣ сатҳи баланди ободонӣ, барқ, газ, об, яъне рушди иҷтимоии деҳотро пешакӣ муайян мекунад. Ғайр аз он, ба дигар объектҳои таъиноти иҷтимоӣ имконият дода мешавад, ки дар иҷрои вазифаҳои махсуси худ аз инфрасохтори муҳандисӣ истифода баранд.

Албата ба инҳо монанд таклифҳоро дар бораи вусъат додани сохтмони муҳандисӣ ва манзил дар деҳот, ки муҳимтраин омили инфрасохторӣ ба ҳисоб мераванд аз ҷониби бисёр олимони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор додашудааст.

Бояд қайд кард, ки зарурати баланд бардоштани сатҳи рушд ва рушди муҳандисии қаламравро бӯҳрони системавии соҳа маҳдуд мекунад, ки хусусиятҳои хоси он, ба гуфтаи академики Академияи илмҳои кишоварзии Федератсияи Руссия Крилатих Е.Н., инҳо буда метавонанд: деформатсияи сохтории механизми иқтисодии соҳавӣ, вайрон кардани робитаҳо ва таносубҳои мавҷуда; паст шудани сатҳи ҳосилхезии хок, кам шудани майдони заминҳои кишоварзӣ; паст шудани сатҳи дастгирии давлатӣ ба соҳа; тамоюлҳои манфии рушди иҷтимоии деҳот, аз байн рафтани маҳалҳои аҳолинишин, кам шудани шумораи аҳолии деҳот, озод кардани коргарон аз корхонаҳои барҳамхӯрдаи кишоварзӣ [4, с.8].

Дар баробари ин гуфтаҳо инчунин баъзан олимон таваҷҷӯҳи бештар ба дастгирии давлатии рушди инфрсохтори иҷтимоии деҳот додаанд ва чунин мешуморанд, ки муҳимтарин омили муайянкунандаи дараҷаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар шароити деҳот, айни замон ин зарурат ба дастгирии давлатии соҳа мебошад.

Ҳамин тариқ, айни замон, татбиқи амалии тадбирҳое, ки ба рушди инфрасохтори минтақаҳои деҳот нигаронида шудаанд, нуқсонҳои муайяне доранд. Аммо аке аз муҳимтарин омил, ин мушкилоти ҷиддии маблағгузорӣ ва дастгирии давлатӣ ба ҳисоб маравад. Муқаррар карда шудааст, ки сабабҳои асосии вазъи таърихан номусоиди рушди минтақаҳои деҳот, ин принсипи маблағгузории рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисии деҳа, сатҳи баланди хароҷоти рушди маҷмӯии маҳалҳои аҳолинишини деҳот бо сабаби табиати парокандаи шаҳракҳои деҳот мебошанд.

Мушкилоти маблағгузории нокифояи соҳаҳои афзалиятноки алоқаманд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва дар маҷмуъ низоми хоҷагидории мардуми деҳот дар ҷумҳурии мо мушоҳида мешавад. Албата, сарфи назар аз он, ки дар таҷрибаи муосир тамоюли афзоиши маблағгузорӣ аз буҷет ва манбаъҳои ғайрибуҷави гуногун оид ба рушди фаъолият дар шароити деҳот ба назар мерасад, аммо бовуҷуди ин ҳанӯз ҳам дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тағйироти куллӣ ба назар нарасидааст, ки аз он мардуми ин ё он деҳот ибрози қаноатмандӣ дошта бошанд.

Илова бар ин баъзан муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки аз нигоҳи сохтори демографӣ метавонад омилҳои зиёде вуҷуд дошта бошанд, ки барои пойдории рушди деҳот таъсир гузоранд. Вобаста ба ин қайд шудааст, ки имрӯз зарурати таъмини маблағгузории кафолатноки чорабиниҳо оид ба рушди иҷтимоии деҳот, ташкили гурӯҳи мувофиқи иҷтимоӣ - синфи миёна дар деҳот муҳим аст [5, с.13].

Инчунин ёдовари шудааст, ки ташаккули синфи миёна дар деҳот, ҷиҳати пешгирии кам шудани шумораи аҳолии деҳот, муттаҳидшавии он дар деҳот ва нигоҳ доштани шаҳраки деҳот бояд ташаббусҳо анҷом дода шавад. Таҳлили равишҳои муосири назариявӣ оид ба муайян кардани омилҳое, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоии шаҳракҳои деҳот таъсир мерасонанд, аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, ки дар хулосаи худ онҳоро ба таври умум ба се намуди асосӣ ҷудо кардааст:

- аввалан, аксарияти пешниҳодҳо, ки ба низоми рушди устувори муносибатҳои ӣқтисодию иҷтимоии деҳот бахшидашудаанд ва хусусияти татбиқию умумиро касб намудаанд;

- дуввум, кӯшишҳои аниқ дар робита ба масъалаҳои таъмини маблағгузории зарурии барномаҳои рушди деҳот, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми деҳот, нигоҳдорӣ ва такмил додани системаи шаҳраксозии деҳот, зарурати ба назар гирифтани шароити табиӣ ва шароити экологӣ, афзоиши суръати сохтмони манзил ва беҳтар намудани инфрасохтори муҳандисӣ дахл доранд;

- сеюм, ҷамъи пешниҳодҳо ва ташаббусҳо, ки барои омӯзиши омилҳои ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва унсурҳои инфиродии он бевосита таъсир мерасонанд, ба таври кофи табиқи амалии худро пайдо карда наметавонанд.

## Адабиёт

1. Петренко И.Я. Экономика сельскохозяйственного производства / И.Я. Петренко, П.И. Чужинов. – Алма-ата: Кайнар, 1992. – 560 с.
2. Огарков А.П. Главный приоритет в устойчивом развитии сельских территорий // Экономика сельского хозяйства России. – 2009. – № 7. – С. 67-72.
3. Мичурина Ф.З. Оптимизация экономических и социальных факторов развития сельских территорий / Ф.З. Мичурина, Л.И. Теньковская, Е.В. Роженцева. – Пермь: ПГСХА, 2012. – 330 с.
4. Крылатых Э.Н. Прогноз развития агропродовольственного сектора России до 2030 года // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2006. – № 9. – С.8-12.
5. Пациорковский В.В. Ключевые направления возрождения и закрепления сельского среднего класса // Аграрный вестник Урала. – 2009. – № 8. – С. 16-20. 2)
6. Петриков А.В. Формирование условий для развития среднего класса в деревне // Аграрный вестник Урала. – 2009. – № 8. – С. 13-16.
7. Бондаренко, Р. П. Роль и значение социальной инфраструктуры села/Р. П. Бондаренко//Экономика, управление, финансы: материалы II междунар. науч. конф. (г. Пермь, декабрь 2012 г.). – Пермь, 2012. - С. 183-185.
8. Каримова, М.Т. Организация социальной работы в Таджикистане/М.Т. Каримова, Ф.М. Муминова. - Душанбе: Ирфон, 2011.- 86с.
9. Васильев, В.П. Социальная инфраструктура села и рынков/В.П. Васильев - Йошкар-Ола: Колос. - 1998. - 184с.

10. Ахмедов Р.Р. Основы формирования и развития сферы социальных услуг в сельской местности/Автореф. дисс. на соиск. уч. степени к.э.н. - Душанбе, 2017. - 22 с.

## ФАКТОРЫ ВЛИЯЮЩИЕ НА ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ

**Ходиев Д.А., Сатторов Ё.А.**

В статье рассматриваются теоретические и прикладные аспекты развития социальной инфраструктуры сельских местностей. Тенденции развития современных экономических и социальных отношений, которые привели к сложным изменениям в общественной жизни, показывают, что главное конкурентное преимущество стран и регионов в количественном и качественном отношении напрямую связано с развитием человеческого капитала. В этой ситуации вопрос создания благоприятных условий, обеспечивающих жизнь людей и полноценное развитие человеческого капитала, приобретает первостепенное значение.

**Ключевые слова:** село, социальная инфраструктура, социальные услуги, социальные стандарты, развитие села, предпринимательство.

## FACTORS AFFECTING THE DEVELOPMENT PROCESS OF RURAL SOCIAL INFRASTRUCTURE

**Hodiev D.A. Satorov Yo.A.**

The article examines the theoretical and applied aspects of the development of social infrastructure in rural areas. Trends in the development of modern economic and social relations, which have led to complex changes in public life, show that the main competitive advantage of countries and regions in quantitative and qualitative terms is directly related to the development of human capital. In this situation, the issue of creating favorable conditions that ensure the life of people and the full development of human capital becomes of paramount importance.

**Key words:** village, social infrastructure, social services, social standards, rural development, entrepreneurship.

**Сведения об авторов:**

**Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич –** н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ, 734025, шахри Душанбе, тел: (992) 93 501 70 51. **E-mail:** mfahim@mail.ru

**Сатторов Ёваршо Аторутшоевич** –ассистенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси ДАТ ба номи Ш. Шохтемур,734025, город Душанбе, (992)98 777 71 43; **E-mail:** yovar-03.95@mail.ru

**ТДУ: 336.71.2.**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАСНИФОТИ ҚАРЗҲОИ ДАРОЗМУДДАТ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

**Тоиров А.Ҷ.**

**Аннотатсия:** муаллиф дар мақолаи худ масъалаи ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти қарзҳои дарозмуддат дар низоми бонкиро мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд намудааст, ки низоми қарздиҳии дарозмуддати бонкӣ дар ташаккули бозорҳои молиявӣ, ипотека, сармоягузорӣ ва бозори молу хизматрасонӣ фаъолона иштирок мекунад.

**Калимаҳои калидӣ**: қарз, қарзи дарозмуддат, хавф, бон, низоми бонкӣ, ипотека, молиявӣ, сармоягузорӣ, бозор.

Истифодаи қарздиҳӣ барои сармоягузории молиявӣ гирандагони маблағро барои самараноктар истифода бурдани онҳо водор менамояд, то ки баргардонидани ҳам қарз ва ҳам фоизи он таъмин карда шавад. Одатан, қарздиҳии дарозмуддат барои маблағгузории асосии ширкатҳо, азнавсозии техникии онҳо ё васеъ намудани истеҳсолот, барои сохтан ё азнавсозии биною иншоотҳо, ба вуҷуд овардани сарватҳои зеҳнӣ ё маҳсулоти илмию техникӣ дода мешавад. Қарздиҳии дарозмуддат барои бонкҳо мисли қарздиҳии кутоҳмуддат фоидаовар нест, бинобар ин онро бештар на бонкҳои тиҷоратӣ, балки бонкҳои сармоягузорӣ, инчунин фондҳои гуногуни инвеститсионӣ ва нафақавӣ ва ширкатҳои суғурта бо роҳи ба даст овардани вомбаргҳои дахлдор амалӣ мекунанд. Баъзан қарздиҳии дарозмуддатро давлат ҳамчун механизми ҳавасмандгардонии баъзе соҳаҳои саноат ё корхонаҳо истифода мебарад. Қарзи дарозмуддат метавонад ҳам фавран ва ҳам марҳала ба марҳала дода шавад, бо таваҷҷуҳ ба иҷрои нақшаи муайни кор, ки ба мақсадҳои қарздиҳӣ алоқаманд мебошад, зеро нақшаи кори муайяни марбут ба ҳадафҳои қарздиҳӣ анҷом дода мешавад.

Қарздиҳии дарозмуддат як падидаи байналмилалӣ мебошад. Қарзҳо метавонанд аз ҷониби баъзе кишварҳо ба кишварҳои дигар, аз ҷониби бонкҳои баъзе давлатҳо ба қарзгирандагони дигар дода шаванд. Аз ин ҷо дар бораи қарзҳои байналмилалӣ сухан рондан мумкин аст.

Агар таснифот ба муҳлати амали шартномаи қарз асос ёфта бошад, пас ба ин намуд қарзҳои муҳлати пардохташон гузашта ва тамдидшуда мансуб мебошанд. Қонунгузории бонкии малакат дар ин маврид таърифҳои зеринро пешниҳод мекунад. Қарзҳои муҳлати пардохташон гузашта, қарзҳое мебошанд, ки дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи қарз баргардонида нашудаанд ва чунин қарзҳо қарзҳои муҳлати пардохташон гузашта ҳисобида шуда ба тариқи ситонидан гирифта мешаванд. Қарзҳои тамдидшуда қарзҳое мебошанд, ки муҳлати пардохти онҳо аз ҷониби бонк тамдид карда шуда ва онҳо ба гурӯҳи қарзҳои муҳлати пардохташон тамдидшуда дохил карда мешаванд.

Режимҳои ҳуқуқии ҳамаи ин қарзҳо бо вуҷуди умумияти зиёд доштанашон низ вобаста ба ҳайати иштирокчиёни амалиёти қарзӣ аз ҷиҳати доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо фарқ мекунанд.

Қарздиҳии дарозмуддат ба қарзгиранда барои татбиқи лоиҳаҳои муайяне дода мешавад. Сарчашмаи баргардонидани он гардиши пули нақд аз фаъолияти ҷории қарзгир, инчунин, даромадҳои пулии софи аз ҷониби лоиҳа ба даст овардашуда мебошад.

Қарздиҳии дарозмуддати лоиҳаҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- мавҷуд набудани тақсимоти дақиқи хафв байни қарздиҳанда ва қарзгир. Қарзгиранда барои тамоми хатарҳои лоиҳа масъул аст;

- қарздиҳанда (бонк) ҳуқуқи пурраи ҷуброни ҳамаи уҳдадориҳои қарзгирандаро нигоҳ медорад;

- бонки қарздиҳанда дар тақсими фоидаи корхонаи карзгиранда иштирок намекунад;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дар амалиёти қарзӣ бо шартномаи қарзӣ, ки байни бонк ва корхонаи қарзгир баста мешавад, танзим мегардад[11, с.32];

Аз ҳисоби қарзи дарозмуддат лоиҳаи корҳои тарроҳию ҷустуҷӯӣ ва сохтмонию монтаж таъминоти таҷҳизот ва дигар захираҳо барои сохтмони объект пардохт карда мешаванд.

Баргардонидани маблағи қарз барои объектҳо ва иншоотҳои сохтмони навбунёд баъди ба истифода додани онҳо дар муҳлатҳои дар шартномаҳо пешбинишуда анҷом дода мешавад. Барои объектҳое, ки дар корхонаҳои мавҷуда сохта мешаванд, пардохти қарз баъди ба истифода додани онҳо оғоз меёбад. Фоизҳо барои истифодаи захираҳои қарзӣ аз рӯзи пешниҳоди онҳо тибқи шартномаҳои байни қарзгирандагон ва бонкҳо басташуда ҳисоб карда мешаванд.

Дар ҷараёни додани қарзи дарозмуддат, қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки дар сурати талаби баргардонидани қарз онро бе чуну чаро бармегардонад. Пас аз супоридани объект ба баҳрабардорӣ карордоди ҷуброни қарз ба имзо

расонида мешавад ва қарзи гирифташуда дар муҳлати таъйингашта бо фоизаш ба қарздиҳанда баргардонида мешавад. Шартҳо дар асоси муҳлати баргардонидани хароҷоти асосӣ, устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии қарзгир, хавфи қарзӣ ва дигар шартҳое, ки байни шарикон тибқи шартномаи қарз ба вуҷуд омадаанд, муайян карда мешаванд. Бо мақсади гузаронидани назорати минбаъда аз болои иҷрои шартҳои шартномаи қарзӣ ва шартномаи гарав мутахассисони бонк истифодаи мақсадноки қарз, таъмини он (аз ҷумла мавҷуд будани ашёи гарав), сари вақт баргардонидани қарз ва ҳисоб кардани фоизи онро тафтиш мекунанд. Дар сурати риоя накардани шартҳои сохтмон ва истифодаи бесамари қарзи додашуда бонк ба қарзгиранда ҷазои иқтисодии дар шартномаи қарзӣ пешбинишударо татбиқ менамояд[12, с. 187].

Бонкҳои тиҷоратӣ ба мизоҷони худ намудҳои гуногуни қарзҳои дарозмуддатро дар ихтиёр мегузоранд, ки онҳоро аз рӯйи меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, барои гурӯҳҳои асосии қарзгирандагон: қарзҳо ба хоҷагиҳо, органҳои давлатӣ ва дигар банкҳо.

Қарзҳо вобаста ба мақсади истифода гуногун мешаванд:

- саноатӣ;
- тиҷоратӣ;
- кишоварзӣ;
- сармоягузорӣ;
- буҷетӣ;
- байнибонкӣ.

Вобаста ба доираи фаъолият қарзҳои бонкие, ки ба корхонаҳои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт (субъектҳои хоҷагӣ) дода мешаванд, метавонад ду намуд бошад: қарзҳое, ки барои такрористеҳсолкунии васеи фондҳои асосӣ ва қарзҳое, ки барои ташаккули маблағҳои муомилот ҷалб карда мешаванд.

Қарзҳои дарозмуддат ба шахсони ҳуқуқӣ ба навъҳои зерин тақсим мешаванд:

- миёнамуҳлат (аз 1 то 3 сол);

- дарозмуҳлат (зиёда аз 3 сол) [9, с.315].

Одатан, қарзҳое, ки маблағҳои муомилотро ташкил медиҳанд, кутоҳмуддат буда, қарзҳое, ки барои такрористеҳсолкунии васеи фондҳои асосӣ иштирок мекунанд, қарзҳои миёна ва дарозмуддат мебошанд. Аз рӯйи таъминот қарзҳо таъминнашуда бо гарав ва бидуни гарав мебошанд, ки дар навбати худ аз рӯйи хусусияти гарав ба гарав, кафолатнок ва суғурташуда тақсим мешаванд.

Аз рӯйи ҳаҷму андозаи қарзҳо ба навъҳои зерин тақсим мешаванд:

- хурд (камтар аз 1% маблағҳои худи бонк);
- миёна (арзиш аз 1 то 5 фоизи маблағҳои худи бонк);
- калон (беш аз 5% маблағҳои худи бонк).

Аз рӯи асъори пешниҳод карда шуда: қарзҳо бо асъори миллӣ ва бо асъори хориҷӣ дода мешаванд.

Аз рӯйи намудҳои фоизҳои ситонидашуда:

- қарзҳо бо фоизи муқарраршуда;
- қарзҳо бо фоизи тағйирёбанда.

Мувофиқи шумораи қарздиҳандагон, қарзҳо аз ҷониби:

- як бонки кредитор;
- якчанд бонкҳо дода мешаванд.

Вобаста ба дараҷаи хавф қарзҳо ба инҳо тақсим мешаванд:

- стандартӣ (бе хатар);
- ғайристандартӣ (дараҷаи муътадили хавф);
- шубҳанок (дараҷаи миёнаи хавф);
- мушкилӣ (дараҷаи баланди хавф);
- ноумед (амалан бебозгашт).

Аз рӯйи тарзҳои пешниҳод:

- як маротиба;
- дар шакли кушодани хатти қарзӣ;
- бо роҳи ба ҳисоб гирифтани суратҳисоби ҷории муштарӣ;

Аз рӯйи усули баргардонидан қарзҳое ҳастанд, ки дар як вақт (дар санаи муайян, одатан дар охири шартнома) баргардонида мешаванд ва қисм-қисм пардохта мешаванд (ба қисмҳо, саҳмияҳо - якхела ва нобаробар, дар доираи шартҳои мувофиқашуда бо бонк).

Дар асоси низомсозии пешниҳодшуда мавқеи қарзҳоро дар низоми муносибатҳои қарзӣ муайян карда ва ба ин васила хусусиятҳои онҳоро пешниҳод кардан мумкин аст. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки қарзи дарозмуддат ба шаклу намудҳои гуногуни қарзҳои бонкӣ чи тавр муттаҳид карда мешаванд.

Қарзи дарозмуддати бонкӣ метавонад дар шакли пулӣ ва омехта амал кунад, вобаста ба объекти қарздиҳӣ дар шаклҳои дигар пешниҳод карда шавад. А. В. Демкивский [5, с.187] шаклҳои қарзро аз рӯйи муҳлат, шакли арзиши қарз, аз рӯйи объекти қарздиҳӣ ва хусусияти истифодаи маблағҳо ба назар мегирад. Аз рӯйи мухлат онҳо ба қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат ҷудо карда мешаванд ва ба ин васила мавҷудияти эҳтимолии қарздиҳии дарозмуддатро дар ҳар яке аз шаклҳои қарзи дар боло зикршуда нишон медиҳанд. М. И. Савлук ва Л. Ю. Белоусов [1, с.210] танҳо шаклҳои молӣ ва пулии қарзро тақсим намуда, имконияти ба объекти қарздиҳӣ ҷудо кардани шаклҳои қарзро ба назар нагирифтаанд. Ин камбудӣ дар таснифоти В. Л. Лутсива, Ж. Г. Голодова ва И. Т. Балабанов [2, с.253], ки қарзҳоро аз рӯйи объектҳои қарздиҳӣ тасниф намуда, қарзҳоро дар шакли арзиши қарзгирифта партофтаанд, ба назар гирифта шудааст. Дар айни ҳол, муаллифони дар боло зикршуда қарзҳои ипотекӣ ва лизингиро ҳамчун шаклҳои қарз ҷудо накарда, онро ҳамчун навъҳои қарз ҳисоб мекунанд.

Дар асоси низомсозии пешниҳодшудаи тақсимоти қарзҳо аз рӯйи шакл пешниҳод менамоем, ки ба сифати қарзҳои бонкӣ шаклҳои накдӣ ва омехтаи қарз дохил карда шаванд.

Таҳлили сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки аксари муаллифон аз рӯйи истифода замонӣ қарзҳоро ба[3, с.215] кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ҷудо

мекунанд. Аммо дар муайян кардани муҳлати қарзҳои минамуҳлат ақидаи муаллифон фарқ мекунад. Масалан, Н. Белоглазова, Л. П. Кроливетская, А. Н. Мороз, А. В. Демкивский, Л. Ю. Белоусов ба қарзҳои миёнамуҳлат қарзҳоеро нисбат медиҳанд, ки ба муҳлати то се сол дарёфт карда шудаанд[4, с.311]. Ба ақидаи донишмандон О. И. Лаврушин, М. И. Савлук ва Е. Ф. Жуков қарзи даромуҳлат қарзест, ки ба муҳлати бештар аз панҷ сол дарёфт карда мешавад[6, с.410]. Б.Л. Лутсив ва И. Т. Балабанов фақат қарзҳои кутоҳмуҳлатро бе инъикоси муҳлати аниқ ҷудо мекунад [13, с.15]. Дар таҷрибаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи муҳлати истифода қарзҳо ба кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат тасниф карда мешаванд. Қарзҳои дарозмуддат дар навбати худ, қарзҳоеро дар бар мегиранд, ки муҳлаташон аз се сол зиёд аст. Дар таҷрибаи бонкии баъзе кишварҳои хориҷӣ танҳо қарзҳои кӯтоҳмуддат ҷудо карда мешаванд, ки дар он қарзҳо, қарзҳои зиёда аз як солро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, мафҳуми ягонаи қарзҳои , кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат вуҷуд надорад. Дар асоси таснифоти қарзҳо аз рӯйи шартҳои пешниҳодшуда, бо назардошти таҳлили сарчашмаҳо ва таҷрибаи бонкӣ, ба назари мо мувофиқ аст, ки аломати умумии дарозмуддат ҳамчун даврае, ки мутобиқи қонунгузории миллӣ муайян карда шудааст, баррасӣ карда шавад.

Қарзе дар таснифи қарзҳо аз рӯйи намуди «гарав» иштирок мекунад, ки дар он қарзҳои асосан ба қарзҳои таъминшуда дахл доранд, ки аксаран бо гарав ва баъзан бо кафолати иловагӣ таъмин карда мешаванд).

Аз рӯйи ин меъёр қарзҳо ба гаравнок ва таъминнашуда тақсим карда мешаванд. Ин фикрро О. И. Лаврушин, А. Н. Мороз, И. Т. Балабанов, Е. Ф. Жуков ва А.П. Загородний [6, с.2180] тарафдорӣ мекунанд. Дар навбати худ, Б.Л. Лутсив, А. В. Демкивский ва Л. Ю. Белоусов ин таснифотро васеъ намуда, аз ҷумла қарзҳоеро, ки бо гарав таъмин карда шудаанд, қарзҳои кафолатнок ва дигар қарзҳои бо гарав таъминшуда меҳисобанд [5, с.287]. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ шаклҳои гуногуни таъмини уҳдадориҳо мавҷуданд, ки хусусиятҳои пайдоиш, танзим ва иҷрои онро доранд (гарав, гарави молу мулки манқул,

кафолат, гузашт, суғурта). Аммо аз нуқтаи назари иқтисодӣ ин шаклҳои амниятро, ба фикри мо, ба се гурӯҳи асосӣ муттаҳид кардан мумкин аст:

- бо гарав таъминшуда (гарави амволи манқул, гарав);
- таъминоти бегарав (кафолат, уҳдадорӣ, супориш, суғурта);
- бидуни таъмини гарав. дарозмуддат

Қарзи дарозмуддатат дар таснифи «дараҷаи хавф» метавонад ҳам шакли стандартӣ ва ҳам ғайристандартӣ, инчунин, қарзи шубҳанок ва беэътимод дошта бошад. Аммо, аксар вақт, дар шароити муосир, қарзи дарозмуддат ҳамчун қарзи дорои хавфи зиёд бо сабаби ба вуҷуд омадани номуайянӣ барои бонк дар муддати тӯлонӣ ҳисобида мешавад.

Дар ин таснифот А. Н. Мороз, Л. Ю. Белоусов ва А. Г. Загородний қарзҳои стандартӣ ва қарзҳо бо хавфи калонро ҷудо мекунанд [8, с.417]. ]. Ж. Г. Голодова ба ин навъи қарзҳо қарзҳои тамдидшуда, муҳлати пардохташон гузашта, ва қарзҳои беэътимодро нисбат медиҳад [39, с.51]. Б.Л. Лутсив ва А. В. Демкивский дар ин таснифот ба ғайр аз қарзҳои стандартӣ ва беэътимод карзҳои гайристандартӣ ва шубҳанокро фарқ мегузорад, ки онҳоро ба қарзҳои дорои хавфи зиёд ҳам нисбат додан мумкин аст [5, с.150]. Дар асоси омӯзиши таҳқиқоти муаллифони гуногун ҳангоми ба низом даровардани тақсимоти қарзҳо аз рӯйи дараҷаи хавф, ба назари мо қарзҳои стандартӣ ва қарзҳои дорои хавфи зиёдро ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар навбати худ, охирин метавонад дар шакли қарзҳои ғайристандартӣ, шубҳанок ва беэътиноӣ ё дигар намуди қарзҳо мувофиқи таснифоти дар қонунгузорӣ амалкунанда пешниҳод карда шаванд.

Бо назардошти нуқтаи назари мухталифи муаллифони ватанию хориҷӣ, ба назари мо, меъёри асосии қарздиҳии дарозмуддат муҳлат аст, аммо хусусияти мақсадноки қарзро низ ба назар гирифтан лозим аст. Бо дарназардошти вижагиҳои ташаккул ва рушди тиҷорати қарзӣ дар зери мафҳуми қарзи дарозмуддати бонкӣ аз ҷониби бонк ба қарзгиранда ба муҳлати тулонӣ пешниҳод кардани қарз, ки ба баланд шудани сатҳи хавфи вобаста ба объектҳои

маблағгузорӣ вобаста мебошад пешниҳод мегардад. Мо пешниҳод менамоем, ки давраи дарозмуҳлат, ки дар он қарзҳо то як сол, то се сол ва бештар аз он ҷудо карда мешаванд, баррасӣ карда шаванд. Се сол, яъне қарзҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат, ки дар онҳо карзҳо аз рӯйи қарзҳои дарозмуддат ба муҳлати зиёда аз се сол қабул карда мешаванд.

Дар асоси шарҳи пешниҳодшудаи қарзи дарозмуддати бонкӣ, пешниҳод карда мешавад, ки хусусиятҳои зерини қарзи дарозмуддати бонкӣ нишон дода шаванд:

1. муддати тӯлонии истифодаи захираҳои қарзии бонкӣ;

2. баланд шудани сатҳи хавфи амалиёти қарзии дарозмуддати бонкҳо;

3. характери мақсадноки қарз, ки дар он самтҳои асосии захираҳои дарозмуддати бонк инҳо мебошанд: истифодаи қарз барои тавсеаи фаъолият, ба даст овардани фондҳои асосӣ, хариди молҳои дарозмуддат, сармоя.

Кредити дарозмуддати банк дар тараққиёти иқтисодиёт нақши калон мебозад, ки онро нуқтахои зерин муайян мекунанд. Якум, қарздиҳии дарозмуддати бонкӣ дар тезонидани консентратсияи сармояи субъекти хоҷагидорӣ нақши муҳим мебозад. Ба муҳлати дароз ҷалб намудани маблағҳои қарз ба шумо имкон медиҳад, ки миқёси истеҳсолот ва ё дигар фаъолияти иқтисодиро хеле васеъ кунед, ки ин фоидаи иловагӣ дода метавонад. Аз ҷиҳати математикӣ, ин вобастагӣ ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаи таъсири фишангҳои молиявӣ пешниҳод карда мешавад. Сониян, қарздиҳии дарозмуддати бонкӣ ба механизми муносибатҳои иқтисодӣ тавассути иваз кардани пардохтҳои накдӣ бо амалиёти ғайринакдӣ фаъолона таъсир мерасонад. Ин вазифа дар қарздиҳии дарозмуддат ба аҳолӣ барои харидани молҳои истеъмолии халқ ва молу мулки ғайриманкул бештар ба амал меояд. Сеюм, ҷорӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, навовариҳои инноватсионӣ бо маблағгузории дарозмуддат алоқаманд аст, ки асосан аз ҳисоби захираҳои қарзии бонк амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, тезонидани прогресси илмию техникӣ, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисодии кишвар ба ҳисоб

меравад, дар баробари дигар омилҳо аз сатҳ ва фаъолияти қарздиҳии дарозмуддати бонкҳо муайян карда мешавад. Қарздиҳии дарозмуддати бонкӣ аз рӯйи аҳамияти иқтисодии худ асоси таъмини рушди устувори дарозмуддати иқтисодиёт, дар маҷмуъ, ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми ягонаи қарзҳои дарозмуддати бонкӣ вуҷуд надорад, ки баҳо ва аҳамияти онҳоро душвор мегардонад. Ҳар яке аз қарзҳое, ки ба таснифот дохил карда шудаанд, дорои тафсири худ, хусусиятҳои хоси механизми қарздиҳӣ, накш ва аҳамияти он дар иқтисодиёти муосир мебошанд.

## Адабиёт:


1. Белоусов Л.Ю. Гроше та кредит. – Х: Прапор, 2004. – 296с.;
2. Банки и банковское дело: Учеб. пособие / Под ред. И.Т. Балабанова. – СПб: Питер, 2001. – 253с.;
3. Банковское дело / Под ред Лаврушина О.И. – М.: Финансы и статистика. – 2002. – с.215
4. Банковское дело / Под ред. Г.Н. Белоглазовой, Л.П. Кроливецкой, - 5-е изд., перераб. и доп. – М.: Финансы и статистика, 2006 – 592с.;
5. Демківський А.В. Гроші та кредит. – К.:Дакор, 2005.-528с.;
6. Деньги. Кредит. Банки: Учебник для вузов / Е.Ф. Жуков, Л.М. Максимова, А.В. Печникова и др.; Под ред. проф. Е.Ф. Жукова. – М.: ЮНИТИ, 2001. – 622 с.
7. Деньги. Кредит. Банки: Учебник для вузов / Е.Ф. Жуков, Л.М.
8. Загородній А.Г., Вознюк Г.Л., Смовженко Т.С. Фінансовий словник.-2-ге видання, виправлене та доповнене.-Львів: Видавництво «Центр Європи», 1997.-576с.;
9. Коноплицкая, Т.М. Банковские операции: учеб.-метод. комплекс / Т.М. Коноплицкая. - Мн.: Высшая школа, 2008. - 315 с.
10. Максимова, А.В. Печникова и др.; Под ред. проф. Е.Ф. Жукова. – М.: ЮНИТИ, 2001. – 622 с.
11. Томилова, М.В. Анализ кредитного портфеля банка в условиях финансового кризиса / М.В. Томилова // Банковские технологии. - 2009. - №3. - С.31-38.
12. Титоренко, Г.А. Автоматизированные информационные технологии в экономике: монография / Г.А. Титоренко. - М.: ЮНИТИ, 2005. - 399 с.
13. Шахурян М.Г. Хеджирование кредитных рисков / М.Г. Шахурян // Финансы. – 2007. - №1. – С.12-15;

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И КЛАССИФИКАЦИЯ ДОЛГОСРОЧНЫХ КРЕДИТОВ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ

**Тоиров А.ДЖ.**

**Аннотация**: В своей статье автор проанализировал вопрос о теоретических аспектах и классификации долгосрочных кредитов в банковской системе. Он отметил, что система долгосрочного банковского кредитования активно участвует в формировании финансового, ипотечного, инвестиционного и рынка товаров и услуг.

**Ключевые слова**: кредит, долгосрочный кредит, риск, облигация, банковская система, ипотека, финансовый, инвестиционный, рынок

## THEORETICAL ASPECTS AND CLASSIFICATION OF LONG-TERM LOANS IN THE BANKING SYSTEM

**Toirov A.J.**

**Annotation:** The author in his article, analyzed the issue of theoretical aspects and classification of long-term loans in the banking system. He noted that the long-term bank lending system actively participates in the formation of financial, mortgage, investment and goods and services markets.

**Keywords:** credit, long-term credit, risk, bond, banking system, mortgage, financial, investment, market

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Тоиров Асомиддин Ҷорубалиевич** – омӯзгори кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел +992905600700.

**УДК:336.66.4.**

## ТАНЗИМ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Ахмедов Д.Ҳ., Бозориев Р.**

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур танзим ва истифодабарии воситаҳои пули дар шароити имрузаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда, вазъи он дар бозори воситаҳои пулӣ таҳлил гардидааст. Ва инчунин роҳҳои танзими воситаҳои пулӣ вобаста ба масъалаҳои маблағгузорӣ, сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат нишон дода шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** воситаҳои пулӣ, фоида, суратҳисоб, даромаднокӣ, сармоягузорӣ, пардохт.

Воситаҳои пулӣ - ин пулҳои накди хазина ва дар суратҳисоби ширкат мавҷуд буда ба ҳисоб меравад. Муодили пулӣ - ин сармоягузории кутоҳмуддати дараҷаи бозоргирашон баландест, ки ба осони ба маблағи муайяни пули табдил гашта, ба хавфи ками талафоти қимат дучор меоянд. Одатан сармоягузори ҳамчун муодили воситахои пули дар сурати камтар аз се моҳ будани муҳлати пардохт аз рузи харид баҳо дода мешавад.

Зери мафҳуми ҳаракати воситаҳои пули дохилшави ва хориҷшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо фаҳмида мешавад. Ахбороти дар ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ пешниҳодшаванда дар якҷоягӣ бо маълумотҳои ҳисоботи молиявии дигар ба истифодабарондагони ҳисоботи молияви:

· баҳодиҳии қобилияти корхона барои ба даст овардани анбуҳи пули оянда;

· баҳо додани қобилияти корхона дар пардохти ҳаққусаҳм ва пардохтҳои вомбргҳо;

· муайянкунии сабабҳои ихтилофоти байни фоидаи соф ва анбуҳи пулҳои соф аз фаъолияти амалиёти;

· муайян намудани таъсири шартномаҳои пулӣ, ғайри пулӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба вазъи молиявии ширкат дар давоми давраи ҷории ҳисоботӣ.

Дар шароити зуд тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон бахри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои берунӣ, барои андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва тақвият додани механизми мукамалгардонии воситаҳои пулӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум зарурат ба миён омадааст. Аксари давлатҳои рӯ ба тараққӣ бо мақсади ҳалли чунин мушкилиҳо бо истифода аз таҷрибаи муосири кишварҳои мутараққӣ ривоҷ додани механизми таъсирпазири сиёсати пулию қарзиро ба роҳ монда, татбиқи сиёсати воситаҳои пулӣ – ҳадафгирии таваррумро пеш гирифтаанд. Бояд ёдовар шуд, ки барои пешбурди баҳисобгирии воситтаҳои пулӣ масъулинро зарур аст, марҳила ба марҳила гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро дар доираи нақша-чорабиниҳо амалӣ намоянд.

Мукамалгардонии сиёсати воситаҳои пулӣ раванди танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, он пеш аз ҳама баҳри ба даст овардани суботи нархҳо ва мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад.[1]

Ҳамчун бонки марказӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ кардааст, мустақилан барои таҳия ва татбиқи сиёсати воситаҳои пулию қарзии давлат масъул мебошад. Аз ҷумла, тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ва нигоҳ доштани он дар давраи дарозмуҳлат буда, вазифаи сиёсати пулию қарзӣ барои расидан ба ин мақсад амалӣ мегардад. .[5]

Зикр намудан ба маврид аст, ки бонкҳои марказии аксари мамлакатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишофи ҷаҳон чунин мақсад, яъне нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо ё худ суботи нархҳоро пайгирӣ карда, сиёсати воситаҳои пулии худро пеш аз ҳама бо назардошти ноил гардидан ба он роҳандозӣ менамоянд.

Барои таъмини устувории сиёсати пулӣ, пеш аз ҳама механизми нигоҳдории воситаҳои пули ва мукамалгардонии он барои рушди воқеии дарозмуддати иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намояд.

Айни замон, механизми мукамалгардонии сиёсати пулию қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба речаи ҳадафгирии монетарӣ асос ёфта, ҳадафи ниҳоӣ – муътадилии сатҳи нархҳо тавассути танзими ҳаҷми пешниҳоди пул ё худ пулҳои захиравӣ, ки ба сифати ҳадафи амалиётӣ баромад менамоянд, таъмин карда мешавад.

Дар доираи ин ҳадафи амалиётӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини муътадилии нишондиҳандаҳои монетарӣ ва сатҳи нархҳо, ҳар сол нақшаи афзоиши нишондиҳандаи микдорӣ – сатҳи пулҳои захиравиро муқаррар менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо, масалан дар ҳолати таъсири таконҳои берунӣ, сатҳи нишондиҳандаи микдорӣ мавриди тағйир қарор дода мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар самти иҷрои вазифаи худ ҷиҳати расидан ба ҳадафи ниҳоӣ – суботи нархҳо, бо роҳи истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ пайваста иҷрои ҳадафи амалиётӣ ва танзимисатҳи пардохтпазирии низоми бонкиро назорат менамояд. .[5]

Бояд қайд намуд, ки қарорҳои марбут ба тағйир додани мукамалгардонии воситаҳои пулӣ қабул ва эълоншуда тақозо менамоянд, ки амалиётҳои дахлдор тавассути истифодаи ин механизм бояд ба вазъи бахши молиявию нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсирбахш бошанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бахри тақвият додани фаъолияти худ, аз ҷумла ноил гардидани мақсади асосӣ – нигоҳдории сатҳи паст ва муътадили нархҳо, тасмим гирифтааст бо истифода аз таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ механизмҳои муосири таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзиро тарҳрезӣ ва амалӣ намояд. .[5]

Ҳамчунин, вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон тадриҷан фароҳам овардани фазои мусоид ва заминаҳои устуворро барои марҳила ба марҳила гузаштан аз речаи ҳадафгирии пулҳои захиравӣ ба речаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррумба нақша гирифтааст.

Барои рушди ислоҳоти иститутсионалӣ ҷиҳати гузариш ба речаи ҳадафгирии таваррум тадбирҳои зарурӣ меандешад, аз ҷумла:

- мукамалгардони механизми воситаҳои пулӣ ва зиёд намудани дараҷаи таъсирбахшии он ба иқтисодиёти миллӣ;

- такмил ва рушди механизми танзими давлатии воситаҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия та татбиқи стратегияи идоракуни воситаҳои пулӣ барои мушахас намудани хароҷотҳои он дар ҷумҳурӣ;

- ташакул ва рушди мустақилияти институтсионалӣ, молиявӣ ва амалиётӣ дар иқтисодиёти миллӣ.

Ба ин васила, тавассути амалӣ намудани сиёсати воситаҳои пули дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба фаъолияти босуботи низоми молиявӣ, нигоҳдории қобилияти харидории пули миллӣ, афзудани эътимод ба он, афзоиши даромадҳои воқеии аҳолӣ ва ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳмгузорӣ менамояд.

Нигоҳ доштани тағйирёбии муътадили қарзи берунӣ низ барои кам намудани талабот ба асъори хориҷӣ ҷиҳати пардохти минбаъдаи уҳдадориҳои

қарзӣ дар татбиқи сиёсати қурби асъори кишвар аҳамияти махсус дорад. Таҷрибаи муваффақи кишварҳои рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки дар мавриди гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, бахусус амалиётҳои репо ва пешниҳоди қарзҳо ба бонкҳо маҳз коғазҳои қиматноки давлатӣ ба сифати гарави муносиб ва бозоргир баромад менамоянд. .[1]

Аз ин рӯ, ҷиҳати ба таври лозима ҳамоҳанг сохтани амалиёт дар татбиқи сиёсати монетарӣ ва фискалӣ барои фароҳам овардани шароити ҷолиби идоракунии сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ва рушди бозори молиявӣ андешидани чораҳои зерин дар назаранд: - ба имзо расонидани ёддошти тафоҳум оид ба мубодилаи маълумот байни БМТ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Вазорати молия); - ҳамкорӣ дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати монетарию фискалӣ бо сиёсати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва мусоидат ба рушди истеҳсоли молҳои содиротию воридотивазкунанда ва кам кардани осебпазирии иқтисодиёти кишвар аз таъсири хавфҳои берунӣ; - густариши ҳамкорӣ бо Вазорати молия ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ бо фоизҳои ҷолибнок ва мусоидат ба рушди бозори дуюмдараҷаи коғазҳои қиматнок; - дар сатҳи кофӣ нигоҳ доштани ҳаҷми захираҳои байналмилалии БМТ ва мусоидат барои мубодила намудани асъори хориҷӣ барои иҷрои уҳдадориҳои қарзи берунӣ. .[4]

Қобили қайд аст, ки барои нигоҳ доштани сатҳи таваруми ҳар як кишвар дараҷаи баробарии нархҳои он пешгири карда мешавад, аз ҳамин лиҳоз таъмини босуботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳои аҳолӣ, ки дар маҷмӯъ дар рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва сатҳи некӯаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин, сатҳи муътадили таваррум ҳамчун омили муҳими рушди устувори

иқтисодиёт барои таъмини суботи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ аҳамияти хоса дорад.

Аммо, сатҳи баланд ва ноустувори таваррум ба рушди устувори иқтисодиёт ва сатҳи даромаднокии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, барои паст гардидани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти ғайрисамараноки захираҳо ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёт, зиёд шудани номуайянӣ ва ниҳоят эҳтимоли пайдо шудани шиддати иҷтимоӣ замина мегузорад.

Бояд қайд намуд, ки самаранокии сиёсати воситаҳои пулӣ дар самти иҷрои мақсади асосӣ – таъмини суботи нархҳо, аз дараҷаи таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, пеш аз ҳама аз вазъ ва фишорҳои берунӣ низ вобаста аст. Зеро, таконҳои хусусияти ғайримонетарӣ дошта, аз қабили тағйирёбии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом, омилҳои берунии қурбӣ, нарху тарифаҳои хизматрасонӣ ва мавсимӣ, ки берун аз доираи танзими сиёсати пулию қарзӣ мебошанд, метавонанд ба зиёд ё кам шудани сатҳи нархҳо таъсир расонанд.

Хулоса, давраи дарозмуддат рушди иқтисодӣ бештар ба омилҳои хусусияти сохторию фундаменталӣ дошта, аз ҷумла ба имкониятҳои истеҳсолии дохилӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, захираҳои меҳнатии баландсифат, сатҳи илму технология ва сифати идоракунии иқтисодиёт вобастагии зиёд дорад.

**Адабиёт**


1. Ҳисоботи коршиноси ХБА (Абдул Насер) дар моҳи июни соли 2016. Душанбе 2017.
2. Патритсия А. П. ва Алисия Г. Ҳ. (2007). Оқибатҳои долларикунонӣ ва дедолларикунонии иқтисодиёт.
3. Манделл Р. А. (1963). Гардиши сармоя ва сиёсати стабилизатсионӣ таҳти реҷаҳои собит ва озод шинокунандаи қурби асъор. Маҷаллаи илмҳои иқтисодию сиёсии Канада №29(4). Ню-Йорк.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, банди 5.3 «Бахши молиявӣ». саҳ 70-74.
5. Сайти Бонки миллии Тоҷикистон; E-mail: info@nbt.tj


## РЕГУЛИРОВАНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ДЕНЕЖНЫХ СРЕДСТВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Ахмедов Д.Х., Бозориев Р.**

**Аннотация:** в данной статье анализируется и исследуется регулирование и использование денежных инструментов в современных условиях Республики Таджикистан, анализируется ее положение на рынке денежных инструментов. А также показаны способы

регулирования денежных инструментов, связанных с вопросами финансирования, инвестирования в различные сферы экономики народа страны.

**Ключевые слова**: денежные инструменты, прибыль, счет, доходность, инвестиции, платеж.

## REGULATION AND USE OF MONEY INSTRUMENTS IN TODAY'S CONDITIONS

**Akhmedov D.H., Bozoriev R.**

**Annotation**: in this article, the regulation and use of monetary instruments in the current conditions of the Republic of Tajikistan is analyzed and investigated, and its situation in the market of monetary instruments is analyzed. And also the ways of regulation of monetary instruments related to issues of financing, investment in various fields of economy of the people of the country are shown.

**Keywords:** monetary instruments, profit, account, profitability, investment, payment**.**

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Ахмедов Давлатали Хайталиевич** – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи омузиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ. Тел: 93 905 06 66

**Бозориев Рустам** – мудири шуъбаи иттилооти Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.

**УДК:334.69**

# ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Бобоазиззода Ш. А., Арзиқулов Ш.Д.**

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрам ва рӯзмара – гузариш ва татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва зери омӯзиш қарор дода шудааст. Бояд хотиррасон кард, ки татбиқи иқтисоди рақамӣ дар кишвари Тоҷикистон тақозои ҷаҳони имрӯза ба ҳисоб рафта, он паҳлуҳои зиёди ҳам мусбӣ ва ҳам нигаронкунандаро дар бар мегирад. Ба ҳар ҳол татбиқи самаранок ва муфиди ин падидаи иқтисодӣ барои рушди давлату миллат, иқтӣисодиёти кишвар, баромад аз бумбасти коммуникатсионӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

**Калимаҳои калидӣ:** иқтисодиёт, иқтисоди миллӣ, иқтисоди рақамӣ, рушд, тараққиёт, давлат, марҳила, рӯзмара , татбиқ

Тоҷикистони муосири имрӯзаро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифта истодааст, ки таҳти назорат ва идора қарор додани онҳо барои рушди давлату миллат, корхонаву ташкилотҳо ва оилаҳо низ бениҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Яке аз марҳилаҳои муосир ин иқтисоди рақамӣ мебошад, ки

доир ба он дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр шудааст: "Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд"..[1]

Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон» таҳия гашт, ки он дар бораи рушди ояндаи иқтисоди кишвар дар асоси иқтисоди рақамӣ шаҳодат медиҳад. Консепсияи мазкур дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия шуда, инъикоскунандаи дурнамои умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, ҳамзамон ҳарчӣ зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расидани он ва ба таври назаррас паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ, яъне расидан ба истиқлолияти энергетикӣ таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табодули он ба кишвари транзитӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. .[2]

Ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешқадам бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меоварад. Консепсия ба гирифтани дивидендҳои рақамӣ дар чунин масъалаҳои барои рушди миллӣ басо муҳим, ба монанди таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

(минбаъд-ММД), табодули соҳаи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст.

Рушди технологияҳои нави «пешрафта» босуръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ мушоҳида карда мешавад: агар қаблан кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ менамуданд, пас имрӯз иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ мегузарад. Ин тамоюли нав асоси чараёни рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва бо такя бар арзишҳои ахлоқию маънавии хеш, имрӯз ҷомеаи кишварро зарур аст, ки сари масъалаи истифодаи дурусту оқилонаи интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ андеша намоем. Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ ба ин равандҳо ташаккули бахшҳои иқтисодиёти иттилоотӣ, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ шомил аст. Бояд дар мамлакат якчанд марҳила ва лоиҳаҳои рушди иқтисодиёти рақамиро дар шароити имрӯза татбиқ намуд:

-дар соҳаҳои хоҷагии деҳот, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва истифодабарии захираҳои ахборӣ бо таъмини дастурҳо ва намудҳои хизматрасонии электрониро бояд муайян ва ҷорӣ намуд;

-давлат дар фаъолияти истифодабарии рушди иқтисодиёти рақамӣ, бозори технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла муассисаю корхонаҳои хусусӣ, паркҳои технологӣ ва марказҳои хизматрасониро ташкил намуда, сармоягузорони хориҷиро ҷалб намоянд ва барои онҳо шароит фароҳам оваранд;

-мутобиқ намудани рушди инфрасохтори замонавии телекоммуникатсионӣ дар шароити муосир, технологияи алоқа ва рушди хизматрасониҳои шабакавӣ, рушди хизматрасониҳои ҳозиразамони телекоммуникатсиониро бояд ҷорӣ намуд;

- дар идоракунии давлат ва соҳаҳои иқтисодиёт, хизматрасониҳои ҳозиразамони электрониро ҷорӣ намуд ва бо кӯмаки иқтисодиёти рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва дастури таъминоти бозориро бояд рушд дод;

- сегменти Интернети миллӣ, ташкили медиа - контенти рақамӣ, захираҳои моддӣ - техникӣ ва иқтисодиро бо роҳи рушд ва таклифотҳо коркард намуд;

- ноҳияҳо ва шаҳрҳоро бо инфрасохтори ҳудудӣ ва истифодабарии онро тавассути электронӣ идора намудан, хусусан манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ - маишӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои муосири транспортӣ барои «шаҳр ва ноҳияи муосир» ва коркарди «системаи муосир», бахшида ба солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

- омӯзонидан ва такмил додани кадрҳои боэътимод, омоданамоии кадрҳо то ҷараёни оғози лоиҳаҳо.

Барои ба таври васеъ ошкор намудани иқтидори иҷтимоию иқтисодии технологияҳои рақамӣ ва пешгирӣ намудан аз оқибатҳои нохуш, зарур аст, ҳарчи зудтар ҳамкории байни шаҳриву ноҳиявӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад. Иқтисодиёти рақамӣ ҳаёт ва ҷомеаи моро бо суръати бесобиқа ва таносуби бемайлон тағйир медиҳад, ҳамзамон имкониятҳо ва мушкилоти бузургро эҷод мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар Консепсия ташаккули дурнамои умумии табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси модели байналмилалии таъсиси иқтисоди рақамӣ пешбинӣ шудааст. .[3]

Модели мазкур дар навбати аввал амалӣ намудани як қатор чорабиниҳоро оид ба таҳкими заминаи ғайрирақамии табодули рақамии ояндаро дар бар мегирад. Якум, ба он баҳодиҳии ҳолати ҷорӣ ва коркарди як қатор чораҳо оид ба таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷорикунии технологияҳои нав, таҳкими пешсафӣ ва институтҳои идоракунии

табодул, баҳодиҳӣ ва рушди сармояи инсонии барои табодул зарур, баҳодиҳии ҳолати муҳити корӣ (соҳибкорӣ), КИТТК ва муҳити инноватсионӣ, як қатор чораҳо оид ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва зиёдшавии боварӣ ба технологияҳои рақамӣ дохил мебошанд. Дуюм, Консепсия таҳкими асосҳои рақамӣ, ба монанди таъсиси инфрасохтори муосири рақамӣ ва таъмини ҳамаҷонибаи дастрасии фарохмавҷӣ, рушди системаҳои муосири алоқа, таъсиси дата-марказҳо ва платформаҳои рақамиро пешбинӣ менамояд.

Сеюм, Консепсия табодули соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодии ҷумҳуриро пешбиниӣ менамояд, ки рақамикунонии онҳо метавонад таъсири пайдарҳам ба тамоми иқтисодиёти кишвар расонад, ба монанди табодули бахши хизматрасонии давлатӣ ва гузариш ба ҳукумати электронӣ, рақамикунонии соҳаи иҷтимоӣ, инчунин соҳаҳои калидии истеҳсолот, ба монанди энергетика, саноати коркард, кишоварзӣ ва таъсиси бахшҳои нав, масалан технологияҳои молиявӣ (FinTech) қайд гардидааст. Инчунин, қайд намудани нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷорикунии технологияҳои молиявии рақамӣ ва дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва пардохтӣ муҳим мебошад. Сиёсати пулию қарзӣ, асъорӣ ва назорати низоми бонкӣ бояд бо истифодаи технологияҳои пешрафтаи рақамӣ амалӣ карда шавад. Бонки миллии Тоҷикистон дар рушди технологияҳои молиявии рақамӣ дар кишвар нақши хоса мебозад. Мутобиқи маълумоти «Гузориш дар бораи рушди ҷаҳонӣ 2016: Дивидендҳои рақамӣ» Тоҷикистон аз рӯйи сатҳи ҷорикунии технологияҳои рақамӣ ба кишварҳои дар марҳилаи тавлиди иқтисоди рақамӣ қарор дорад. Ин чунин маъно дорад, ки иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон дар оғози ташаккул ҷой дорад. Ин далели баҳодиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро як қатор нишондиҳанда ва арзёбиҳои байналмилалӣ тасдиқ менамоянд. Тамоюли пастшавӣ бе ин ҳам мавқеи қафомондаи ҷумҳурӣ аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо дар солҳои охир боиси нигаронии махсус мебошад: - мутобиқи арзёбии ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодии соли 2018 Тоҷикистон аз рӯйи рақобатнокии

иқтисодиёт дар байни 140 кишвар ҷойи 102-умро ишғол менамояд. Дар муқоиса бо арзёбии соли 2017 мавқеи Тоҷикистон аз ҷойи 79-ум паст гардид.

Таҳия ва амалисозии чорабиниҳои Консепсияи мазкур ба принсипҳо ва бунёди рушди самтҳои амнияти иттилоотӣ асос меёбад, ба монанди: - истифодаи технологияи навтарини таъмини пурра, махфият ва дастрас будани иттилооти интиқолшуда ва раванди коркарди он; - истифодаи афзалиятноки таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти ҷавобгӯи аз назорати мақомоти ваколатдори давлатӣ тибқи талаботи амнияти иттилоотӣ гузаронидашуда; - татбиқи ҳатмии технологияҳои ҳифзи иттилоот бо истифодаи стандартҳои давлатии криптографӣ; - таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки истифодаи бисёрҷанбаи мушаххаскунии рақамии шахсият, ба монанди истифодаи тиҷоратӣ, аз ҷумла истифодаи маълумоти биометрии шахсиро ба танзим медароранд; - таъсиси марказҳои салоҳиятнокӣ дар самти саҳеҳкунонии биометрӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ; - татбиқи технологияи криптографи таъсис, нигоҳдории бехатар ва назорати истифодаи иттилооти иштироккунандагони саҳеҳкунандаи ҳамкории иттилоотӣ бо мақсади саҳеҳкунонии криптографии онҳо дар асоси истифодаи маҳзани абрӣ ва протоколи тақсимоти автоматикунонидашуда, муттаҳид ва омодасозӣ барои истифодаи иттилооти саҳеҳкунанда (технологияи криптографии нигаҳдории тақсимшуда (абрӣ) ва истифодаи иттилооти аутентификатсияшуда); - бо мақсади якхелакунӣ, рушд ва нигоҳдории системаҳои нигоҳдорӣ ва идоракунии иттилооти давлатӣ таъсиси системаҳои барномавӣ бо истифодаи технологияҳои феҳристи тақсимшуда; - таҳияи консепсия ва истифодаи технологияи боэътимоди тарафҳои сеюм дар асоси алгоритмҳои криптографӣ ва протоколҳо ба хотири истифодаи он дар маркази иттилоотии инфрасохтории имзои электронии рақамӣ; - ба таври муайян кардани ҳуқуқ ва масъулияти иштирокчиёни фаъолияти муштараки иттилоотӣ ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ, маълумоти бисёр истифодабарандагон, аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои алоқа. Муайян кардани масъулият барои муносибати номатлуб ва таъмини амнияти чунин маълумотҳо;

- таъсиси системаи андухтани дониш дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар асоси платформаи таълимии онлайн ва китобхонаи электронии миллӣ; - коркарди механизмҳо оид ба пешгирии пайдоиши иттилооти ғайриқонунӣ дар бахши тоҷикии сегменти шабакаи интернет, аз ҷумла механизмҳои нест кардани он; - таъсиси системаҳои иттилоотии (пойгоҳи миллии) дониш оид ба фаъолнокии нави зараровар ва осебҳои эҳтимолии низом; - ташкили манбаи махсусгардонидашуда барои ҳамкорӣ бо мақомоти ваколатдор ҷиҳати дар иртиботи фаврӣ додани маълумот дар бораи аломатҳои амали ғайриқонунӣ дар бахши технологияи иттилоотӣ (қаллобии компютерӣ, номҳои хизматрасонии операторони алоқа, нақшаҳои фишинг) бо мақсади муқовимат ба ҷинояткории компютерӣ, аз ҷумла дар соҳаи молия, инчунин дигар парвандаҳои ҷиноятӣ ва истифодаи ғайриқонунии технологияҳои иттилоотӣ; - таъсиси Маркази вокуниши миллӣ ба ҳодисаҳои компютерӣ, Маркази миллии решавии тасдиққунандаи имзои электронии рақамӣ, лабораторияи озмоишӣ барои тадқиқи таҳизот ва системаҳои барномавӣ, коди зараровар, воситаҳои амнияти иттилоотӣ барои гузаронидани санҷиш мутобиқи талаботи амнияти иттилоотӣ дар пойгоҳи КВД «Маркази ҳифзи техники иттилоот, сертификатсия ва экспертиза»-и Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; - таъсиси системаи ташкилоти экспертӣ дар соҳаи ҷиноятшиносии компютерӣ; - таъмини кам кардани хатар ва таҳдид ба бехатарии фаъолияти шабакаҳои алоқаи оммавӣ бо дар назар доштани талаботи амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини идоракунӣ ва эътимоднокии фаъолияти сегменти шабакаи интернет; - таҳияи стандартҳои амнияти иттилоотӣ дар системаҳои амаликунандаи «абрӣ», технологияҳои квантӣ, системаҳои воқеияти виртуалӣ ва афзоишёфта, технологияҳои зеҳни сунъӣ ва таъмини назорати риояи онҳо; - таҳияи нақшаи интиқоли трафики дохилии сегменти шабакаи интернет дар ҳудуди Тоҷикистон; - таҳияи талабот ба мубодилаи байнисарҳадии маълумот байни иштирокчиёни ҳамкориҳои иттилоотӣ дар иқтисоди рақамӣ; - таъсиси механизмҳои самараноки

танзимкунандаи давлатӣ ва дастгирӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар назди ҳамгироии ииқтисодиёти миллии рақамӣ дар иқтисодиёти байналмилалӣ.

Ҳамин тавр, тибқи қонун низоми иқтисодӣ муайян ва идора карда мешавад ва ин усул дар давраи ҳозира, ки онро марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ менамоянд, қобили татбиқ аст. Албатта, марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ танҳо аз масъалаҳои дар боло овардашуда иборат нест. Барои ба роҳ мондани рушди иқтисодиёти рақамӣ пеш аз ҳама корҳо тадқиқотиву санҷишҳои соҳавӣ гузаронида шуда, аз натиҷаҳои ба миёномода барномаҳои давлатӣ қабул намудан зарур аст. Дар мақола ҳамаи самтҳои иқтисоди рақамиро фаро гирифтан имконнопазир аст. Аз ҳамин лиҳоз, умедворем, ки ояндаи наздик оид ба марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ дар ҳамкорӣ бо дигар олимон ва мутахассисон тадқиқоти мушаххаси илмиро анҷом дода, онро барои татбиқи рушди иқтисоди рақамии кишварамон равона созем.

Барои ба таври васеъ ошкор намудани иқтидори иҷтимоию иқтисодии технологияҳои рақамӣ ва пешгирӣ намудан аз оқибатҳои нохуш, зарур аст, ҳарчи зудтар ҳамкории байни шаҳриву ноҳиявӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад. Иқтисодиёти рақамӣ ҳаёт ва ҷомеаи моро бо суръати бесобиқа ва таносуби бемайлон тағйир медиҳад, ҳамзамон имкониятҳо ва мушкилоти бузургро эҷод мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар Консепсия ташаккули дурнамои умумии табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси модели байналмилалии таъсиси иқтисоди рақамӣ пешбинӣ шудааст. Модели мазкур дар навбати аввал амалӣ намудани як қатор чорабиниҳоро оид ба таҳкими заминаи ғайрирақамии табодули рақамии ояндаро дар бар мегирад. Ба он баҳодиҳии ҳолати ҷорӣ ва коркарди як қатор чораҳо оид ба таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҷорикунии технологияҳои нав, таҳкими пешсафӣ ва институтҳои идоракунии табодул, баҳодиҳӣ ва рушди сармояи инсонии барои табодул зарур, баҳодиҳии ҳолати муҳити корӣ (соҳибкорӣ), КИТТК ва муҳити инноватсионӣ, як қатор

чораҳо оид ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва зиёдшавии боварӣ ба технологияҳои рақамӣ дохил мебошанд.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019.
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642.
3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642. С.1.
4. Шукуров Абдуназар. Тоҷикистон дар марҳилаи рушди иқтисодиёти рақамӣ. Маводи электронӣ. Муроҷиати охирон: 10.03.21. https://www.hgu.tj/news/media/item/256.html
5. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642. С.2.
6. http://www3.weforum.org/docs/GCR2018/05FullReport/TheGlobalCompetitivenessReport2018.pdf
7. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642. С.12.

## ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА И ЕЕ РОЛЬ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Бобоазиззода Ш. А., Арзиқулов Ш.Д.**

**Аннотация:** В данной статье рассматривается и исследуется одна из самых актуальных и современных проблем - переход и внедрение цифровой экономики в Республике Таджикистан. Следует отметить, что внедрение цифровой экономики в Таджикистане является требованием времени современного мира и имеет много положительных и нерешенных аспектов. В любом случае эффективная и выгодная реализация этого экономического явления будет способствовать развитию государства и нации, экономики страны, преодолению коммуникационной блокады и других важных секторов национальной экономики.

**Ключевые слова:** экономика, государство, развитие, внедрение, реализация, цифровая экономика, современность

## DIGITAL ECONOMY AND ITS ROLE IN TAJIKISTAN

**Babaazizoda sh. A., Arzikulov Sh.D.**

**Annotation:** This article discusses and studies one of the most pressing and topical issues - the transition and implementation of the digital economy in the Republic of Tajikistan. It should be noted that the implementation of the digital economy in Tajikistan is a requirement of today's world, and it has many positive and worrying aspects. In any case, the effective and beneficial implementation of this economic phenomenon will contribute to the development of the state and nation, the country's economy, overcoming the communication blockade and other important sectors of the national economy.

**Keywords:** economy, state, development, implementation, implementation, digital economy, modernity.

**Маълумот дар бораи муаллифон;**

**Бобаазиззода Ш.А**. – н.и.и., дотсент мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. тел: 93 980 0202;

**Арзиқулов Ш.Д.**. – унвонҷуи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон.

**ТДУ:380.11.**

# МАБЛАҒГУЗОРӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ РУШТДИҲАНДАИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Қудратзода П.Қ., Ахмедов Д.Ҳ.**

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур ташаккули маблағгузорӣ ҳамчун механизми руштдиҳандаи иқтисодиёти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин барои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, рушди иқтисодиёти миллии мамлакат тавсияҳо пешниҳод гардидааст. Бояд қайд кард, ки дар баробари ҳамаи ин мисолу масъалаҳои вобаста ба шароити имрузаи аҳолии ҷумҳурӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** маблағгузорӣ, иқтисодиёти миллӣ, механизм, сармоягузорӣ, барнома, минтақа, самаранокӣ, даромаднокӣ, хоҷагии халқ.

Дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усули барномавӣ-мақсадноки барномарезии рушди минтақавӣ аҳамияти калон пайдо карда истодааст. Дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 барномаи дарозмӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳия гардидааст. Мақсадҳои дар барнома тарҳрезигардида ба туфайли коркард ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ амалӣ карда мешаванд. Лоиҳаҳои муҳими сармоягузории минтақавӣ он лоиҳаҳое маҳсуб мешаванд, ки амалишавии онҳо ба вазъи ичтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии минтақа таъсири назарраси дарозмуддат расонида метавонанд. Ҳадафи асосии ин лоиҳаҳо фароҳам овардани шароити мусоиди рушди минтақаҳои алоҳида ва таъмини сатҳи зиндагии сазовори аҳолии онҳо мебошад. Татбиқи ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ соҳаҳои гуногуни системаи иқтисодии минтақаро фаро гирифта, ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва нақлиётӣ таъсир мерасонад, фаъолияти сармоягузории минтақаро пурзӯр менамояд, фазои кории минтақаро дигаргун месозад.

Ҳолати фаъолияти сармоягузориҳоро дар иқтисодиёти мамлакат суръти афзоиши нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии зерин ба таври ғайримустақим, аммо объективона тавсиф мекунанд:

- даромади миллӣ;
- МУД ва МУМ;

- ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ;
- ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ;
- ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ва ғайра.

Объективияти ин нишондиҳандаҳо зимни баҳодиҳии фаъолияти маблағгузорӣ дар он зуҳур мекунад, ки рушди нишондиҳандаҳои номбурда бидуни сармоягузориҳо маъно надорад. Аз ин ҷост, ки ин нишондиҳандаҳо то дараҷаи муайян самаранокии истифодаи маблағгузориҳоро инъикос менамоянд.

Ҳамчунон дар ин раванд фарқияти асосии миёни мафҳумҳои сармоягузориҳо (инвестиции) ва маблағгузориҳои асосӣ (капитальные вложения)-ро дарк намудем. Қобили қайд аст, ки дар ҷумҳурии мо раванди маблағгузориҳо, дар шакли маблағгузориҳои асосӣ, яъне сармоягузориҳо ба капитали асосӣ сурат мегиранд. Ин хусусияти дар иқтисодиёти мамлакат зуҳурнамуда дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ низ ҷой дорад. Ҳамчунон, барои муайян кардани самаранокии иқтисодии умумии маблағгузориҳои асосӣ нишондиҳандаҳои иловагӣ, ба монанди арзиши маҳсулоти умумӣ ба ҳар як воҳиди пули хароҷотҳои капиталӣ, ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслӣ, вазни қиёсии маблағгузориҳои асосӣ дар маҳсулоти умумӣ истифода мешаванд.

Самаранокии иқтисодӣ-қиёсии маблағгузориҳои асосӣ дар ҳолати зерин ҳисоб карда мешавад:

- ҳангоми муқоисаи вариантҳои беҳтарини фаъолияти хоҷагидорӣ ё қабули қарорҳои техникӣ;
- интихобҳои маҳсулотҳои якдигарро ивазкунанда;
- ҷорӣ намудани намудҳои нави техникӣ;
- сохтмону бунёди корхонаҳои нав ё азнавбарқароркунии корхонаҳои амалкунанда.

Дар мавриди маҳдуд будани миқдори вариантҳо онҳоро дар якҷоягӣ муқоиса намудан мумкин аст. Дар ин ҳолат самаранокии маблағгузориҳои асосӣ чунин муайян карда мешавад:

$$Е=\frac{C_1-C_2}{K_1-K_2} \text{ ё } Т=\frac{K_2-K_1}{C_1-C_2},$$

дар инҷо: Е – коэффитсенти самаранокии қиёсии маблағгузориҳо;

$С_1$, $С_2$ – арзиши аслӣ дар вариантҳои муқоисашаванда, сомонӣ;

$К_1$, $К_2$ – маблағгузориҳои асосӣ дар вариантҳои муқоисашаванда, сомонӣ;

Т – мӯҳлати худхаридкунии маблағгузориҳои асосии иловагӣ, сол.

Агар $Е>Е_п$ ва $Т<Т_н$ бошад, он гоҳ маблағгузориҳои асосии иловагӣ самаранок мебошанд. Аз ин ҷо варианти сармояғунҷоишаш баланд варианти беҳтарин шумурда мешавад.

Коэффитсенти нормативии самаранокии қиёсии маблағгузорхои асосӣ дар хоҷагии халқ дар дараҷаи 0,12 муқаррар гардидааст. Ин коэффитсент сарҳади поёни самаранокии маблағгузориҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Пастшавии ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки дар истеҳсолот мошинҳо ва таҷҳизотҳои иқтидорҳои истеҳсолиашон паст ҷорӣ карда мешаванд.

Суръати баланди прогресси илмӣ техникӣ (ПИТ) ва таваррум тақозо мекунад, ки ҳангоми ҳисобкуниҳо ва таҳлили маблағгузориҳои асосӣ дар сохтмон фосилаи байни вақти гузориши сармоя ва вақти гирифтани самара ба ҳисоб гирифта шавад. Агар ин фосилаи вақтро нишондиҳанда гӯем, он гоҳ ин нишондиҳандаро дар забони иқтисодӣ лага меноманд. Ин нишондиҳанда (лага)-ро ба лагаи сохтмон ва азхудкунӣ ҷудо мекунанд. Лагаи сохтмон ин вақти барои сохтмони объект ва таҷҳизонидани он зарурро меноманд.

Лагаи сохтмон аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Л=\frac{K_1 \times H + K_2 \times (H-1) + ...K_n \times (H-N)}{100},$$

дар ин ҷо: $К_1$, $К_2$, $К_n$ – ҳиссаи маблағгузориҳои асосӣ дар солҳои сохтмони объект, бо % нисбати арзиши сметавӣ;

Н – вақти умумии сохтмони объект, сол.

Лагаи сохтмонро бо формулаи зерин низ ҳисоб кардан мумкин аст:

$$Л_с = \frac{a_1 \cdot n + a_2(n-1) + a_3(n-2) + ...a_n \cdot 1}{K}$$

дар ин ҷо: $a_1, a_2, a_3, \ldots a_n$ – суммаи маблағгузориҳои асосӣ дар 1,2,3 – П-ум соли сохтмони объект, сомонӣ;

n – вақти умумии давомоти сохтмони объект, моҳ, сол;

К – суммаи умумии маблағгузориҳои асосӣ барои сохтмони объект, сомонӣ.

**Мисол:** сохтмони анбори нигоҳдории меваю сабзавот ва монтажи таҷҳизоти он 3 солро ташкил медиҳад. Вобаста аз ин дар соли 1-ум- 25 %, соли 2-ум – 40 %, соли 3-ум – 35 %-и маблағгузориҳои асосии барои ин объект муқарраркардашуда истифода карда мешаванд. Пас, лагаи сохтмони объекти номбурда баробар аст:

$$Л_а = \frac{(25 \cdot 3) + (40 \cdot 2) + (35 \cdot 1)}{100} = 1.9 сол$$

Дар баробари лагаи сохтмон лагаи азхудкунӣ вуҷӯд дорад. Лагаи азхудкунӣ ин фосилаи вақтест, ки мувофиқи лоиҳа барои ба даст овардани боздеҳии маблағҳои гузошташуда зимни ҷорӣ намудани фондҳо ва иқтидорҳои фондҳо ва иқтидорҳои истеҳсолии бакордаровардашуда муқаррар гардидааст. Барои ҳисобкунии лагаи азхудкунӣ формулаи зеринро истифода намудан мумкин аст:

$$Л_а = \frac{(100 - Д_1) + (100 - Д_2) + ... + (100 - Д_n)}{100},$$

дар ин ҷо: $Д_1, Д_2, Д_3$ – ҳиссаи даромадҳои софи гирифташуда, бо %.

Проекти инвеститсионнӣ – ин нақшаи гузориши сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад. Дар таҷрибаи амалӣ проектҳои инвеститсионӣ одатан се марҳиларо дарбар мегирад:

1. Марҳилаи пеш аз инвеститсионнӣ;
2. Марҳилаи инвеститсионнӣ;
3. Марҳилаи истеҳсолӣ (боздеҳӣ ва натиҷагирӣ).

Марҳилаи пеш аз инвеститсионнӣ – марҳилаи аз ҳама асосӣ ё худ калиди амалигардонии проекти инвеститсионнӣ ба ҳисоб меравад. Ин марҳила гузориши зиёдтарини қобилиятҳои фитриро тақозо мекунад, чунки маҳз дар ҳамин марҳила ҷараёни қабули қарорҳои идоракунӣ оиди амалигардонии проекти инвеститсионнӣ сурат мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ бидуни маблағгузорӣ ғайриимкон аст. Зеро захираҳои молиявии корхонаҳо барои ба роҳ мондани фаъолиятҳои истеҳсолӣ нокифоя буда, маблағҳои зиёдро тақазо менамоянд.

Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт танҳо бо роҳи ҷалби бештари сармояи хориҷию ватанӣ, инчунин дар заминаи ин истифода намудани техналогияҳои муосири нерӯ ва захирасарфакунанда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии сифатан нав зиёд карда мешавад ва яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, яъне, амнияти озуқаворӣ, таъмин мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мавҷудбударо ба назар гирифта, ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷию ватанӣ чораҳои зарурӣ андешидааст.

Маҳз бо мақсади ба низом даровардани раванди сармоягузориҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои институтсионалиро таъмин намудааст ва дар заминаи он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 – марти соли 1992 таҳти рақами 555 қабул карда шуд. Қонуни мазкур ҳуқуқҳои умумӣ оид ба шароитҳои иқтисодию иҷтимоии фаъолияти сармоягузориро дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми августи соли 2002 таҳти рақами 329 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Мувофиқи қарори мазкур ба сармоягузорони хориҷӣ оид ба пардохти андоз аз шахсони ҳуқуқӣ ба мӯҳлати муайян имтиёзҳо пешбинӣ карда шудааст.

Самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ– ин муқоисаи самараи бадастовардашуда ба андозаи сармояи гузошташуда мебошад. Самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ҳангоми интихоби самт ва вариантҳои беҳтарини аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардидаи тараққиёти соҳа ва истеҳсолот, ҳангоми сохтмони объктҳои нав ва таҷдиди объктҳои амалкунанда, мавриди дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи прогрессивӣ муайян карда мешавад. Самаранокии иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ ҳисоб карда мешавад:[1]

- дар дараҷаи хоҷагии халқ;
- дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ: саноат, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва ғайра;
- ҳангоми ҳалли проблемаҳои алоҳидаи тараққиёти соҳаҳои гуногун;
- ҳангоми баҳодиҳӣ ба иҷрои нақшаҳои сохтмони асосӣ ва дигар чорабиниҳо.

Хулоса, дар мавриди асосноккунии иқтисодии маблағгузориҳои асосии мақсаднок самараи онҳоро натанҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки дар миқёси хоҷагии халқи мамлакат муайян кардан зарур аст. Бинобар ин, самаранокии маблағгузориҳои асосиро дар кишоварзӣ ба самаранокии маблағгузориҳои дар дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ муқоиса кардан лозим меояд. Зеро самаранокии маблағгузориҳои асосӣ дар сфераҳои гуногуни КАС аз якдигар вобастагии бевосита доранд.

## Адабиёт:

1. Абыкаев Н.А. Инвестиционный потенциал и экономический рост. //Экономист.-2000.- №6;

2. Кудратов Р.Р. Инвестиция – основа повышения эффективности сельскохозяйственного производства. Душанбе, издательство, «Статус» 2005, - 138 с.

3. Комилов С. Дж. Основы развития инвестиционной деятельности предприятия. Душанбе: - издательство «Инфор» 2004 -168 с.

4. Ахмедов Д.Ҳ. Мукамалгардонии воситаҳои пули дар шароити иқтисоди бозоргонӣ. КАС-Точикистон: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ; №1 (49) 2021 саҳ. 56.

[1]Абыкаев Н.А. Инвестиционный потенциал и экономический рост. //Экономист.-2000.- №6

## ФИНАНСИРОВАНИЕ КАК МЕХАНИЗМ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Кудразода П.К., Ахмедов Д.Х.**

**Аннотация:** в данной статье анализируется развитие финансирования как механизма содействия национальной экономике Республики Таджикистан в эпоху независимости страны. Также даны рекомендации по привлечению иностранного и отечественного капитала, развитию национальной экономики страны. Следует отметить, что наряду со всеми этими примерами и вопросами, связанными с текущим положением населения республики, проводились и анализы.

**Ключевые слова:** финансирование, национальная экономика, механизм, инвестиции, программа, регион, эффективность, рентабельность, национальная экономика.

## FINANCING AS A MECHANISM FOR THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

**Kudrazoda P.K., Akhmedov D.Kh.**

**Annotation:** this article analyzes the development of financing as a mechanism to promote the national economy of the Republic of Tajikistan in the era of the country's independence. Recommendations are also given on attracting foreign and domestic capital, developing the country's national economy. It should be noted that along with all these examples and questions related to the current situation of the population of the republic, analyzes were also carried out.

**Key words:** financing, national economy, mechanism, investment, program, region, efficiency, profitability, national economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Қудратзода Парвиз Қудрат** – н.и.и., дотсент муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилоти ДДД.

**Ахмедов Давлатали Ҳайталиевич** – н.и.и., дотсент мудири шуъбаи омузиш ва сармоягузории Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ. Тел: 93 905 06 66.

**УДК:338.421.**

## АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР КАС

**Одинаева С. Б.**

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур асосҳои илмию назариявии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар КАС баррасӣ гардидааст. Бехатарии озуқаворӣ - ҳамчун қобилияти кафолатноки давлатӣ, ки қонеъ гардонидани талаботро дар озуқаворӣ дар як сатҳи муайян фаъолияти ҳаётии аҳолиро таъмин менамояд ҳамчун вазъияте, ки дар ҳар лаҳзаи вақт ва бехатарии озуқавории и кофии миқдорӣ, ки барои пешбурди ҳаёти фаъол ва солим зарур аст, дорои дастрасии физиологӣ мебошад илман асоснок карда шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** асосҳои назариявӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, талабот, пешниҳод, илман асоснок, КАС.

Амнияти озуқаворин кишвар – ба ин васила таъминокии озуқаворӣ ва мувозинаи озуқаворин сокинони он, яъне чунин зинаи истеҳсолоти КАС умумимиллӣ мебошад, ки бо ёрии он ба амал овардани принсипҳои худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти муҳимтарини озуқаворӣ ва ташкили захираҳои давлатӣ мувофиқи меъёрҳои илман асоснок имконпазир аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бехатарии озуқаворӣ - ҳамчун қобилияти кафолатноки давлатӣ, ки қонеъ гардонидани талаботро дар озуқаворӣ дар як сатҳи муайян фаъолияти ҳаётии аҳолиро таъмин менамояд, аз назар гузаронида мешавад. Бехатарии озуқаворӣ мавҷудияти доимии тайёр будани давлатро барои пешгирӣ намудан ва барҳам додани вайроншавии низоми таъминоти мамлакат ва ноҳияҳои алоҳидаи он бо маҳсулоти хӯрока ҳангоми офатҳои табиӣ ё ин ки дигар ҳолатҳои фавқуллода дар назар дорад. Барои ин, меъёри муайян ва низоми самаранок истифода бурдани захираҳои стратегӣ ва захираҳои озуқаворин фаврӣ лозим меояд.

Қобили зикр аст, ки таърифи бехатарии озуқавориро профессор Қудратов Р.Р. ба таври муфассал шарҳ додааст, бехатарии озуқаворӣ ҳамчун қобилиятнок будани давлат кафолат додани қонеъгардони талаботи аҳолӣ бо озуқаворӣ дар як сатҳи муайян, ки барои фаъолияти ҳаётии он басанда аст, фаҳмида мешавад [1].

Бояд қайд намуд, ки ФАО таъмии амнияти озуқавориро ҳамчун вазъияте, ки дар ҳар лаҳзаи вақт ва бехатарии озуқаворин и кофии миқдорӣ, ки барои пешбурди ҳаёти фаъол ва солим зарур аст, дорои дастрасии физиологӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Аҳамияти муҳим, ин дар дастраси иқтисодӣ ба озуқаворӣ будани он қисмати камбизоати аҳолӣ зоҳир мегардад. Чӣ қадаре, ки иқтидори истеҳсолии КАС-и мамлакат баланд бошад, ҳамон қадар аз воридоти озуқаворӣ новобастагӣ кам мегардад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки «Ояндаи кишвари мо бетағйир боқӣ мемонад - нигоҳдории Ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум мебошад».

**Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат:**

– пешбурди ислоҳоти аграрӣ ва бахши об;

– таъмини дастрасии иқтисодӣ ва физикии озуқа дар асоси афзоиши устувори бахши агросаноатӣ;

– диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани навовариҳо, бо дарназардошти таъсири ҳадди ақал ба муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иваз намудани моддаҳои кимиёвии хатарнок ба моддаҳои кимиёии алтернативӣ, дорои хатари камтар баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷирҳои арзиши иловашуда;

– баланд бардоштани дастрасӣ ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳо дар бозори ватанӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ҳавасмандгардонии истифодаи усул ва технологияҳои нави кишоварзӣ;

– ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизои мукаммал (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти ҳаётан муҳими озуқаворӣ, ташкили низоми мониторинги ғизохурӣ, огоҳкунии бармаҳал, захираҳо);

– пешбурди низоми самарабахши равиши бисёрсоҳагӣ ба беҳтар намудани ғизохурии мукаммал тавассути ҳамоҳангсозии сиёсат дар соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи арзишҳои ғизо ва сиёсати самараноки маблағгузории онҳо;

– ташаккулдиҳии низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори он барои парвариши зироатҳои боарзиши кишоварзӣ;

– мукаммалгардонии бозори маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба он;

– ҷорӣ намудани низоми самаранокии давлатии хавасмандгардонии азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ ва ба коркарди кишоварзӣ баргардондани заминҳои шӯр, ботлоқзор ва қаблан истифоданашуда [2].

Бояд қайд намуд, ки комплекси агросаноатӣ (КАС*)* қариб 2/3 корхонаҳои истеҳсолии фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳои агросаноатӣ тааллуқ доранд. Дар соҳаи кишоварзӣ тавассути тадбирҳои андешидашуда, аз ҷумла аз худ кардани заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо, зиёд кардани майдони боғу токзорҳо ва ислоҳоти соҳа, бахусус ҳалли қарзи хоҷагиҳои деҳқонӣ, фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқавории мардуми кишвар бамаротиб беҳтар шудааст.

Таҳлилҳо нишон додааст, ки нақши муҳимро дар ҳаракати маҳсулот мутобиқи хати амудии бозор якҷоякунии соҳаҳо ва зироатҳо дар асоси ҳамгироии агросаноатӣ мебозад. Боиси қайд аст, ки рушди комплекси агросаноатӣ зуҳуроти раванди умумии ташаккули комплекси ягонаи хоҷагии халқи мамлакат дар заминаи баланд бардоштани нақши алоқаҳои байнисоҳавӣ дар раванди аз нав бавуҷудоварӣ ва пурзӯр кардани тақсимоти меҳнат мебошад. Дар доираи комплекси ягонаи хоҷагии халқ блокҳои соҳаҳо бо мақсади ягонаи вазифавии охирин ҷудо мешаванд. Яке аз чунин блоки соҳаҳо комплекси агросаноатӣ мебошад. Комплекси агросаноатии хоҷагии халқ ҷамъи соҳаҳои хоҷагии халқро дар бар мегирад, ки байни ҳам аз ҷиҳати технологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ алоқаманданд ва барои амалӣ кардани мақсади ягонаи охирин - таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрока ва дигар намуди маҳсулоти истеъмолии аз ашёи хоми кишоварзӣ тайёршуда хизмат мекунанд.

Ҷ.С. Пиризода қайд кардааст, ки ташаккули комплекси агросаноатӣ раванди ҳамгироии агросаноатӣ, пурзӯркунии алоқаи соҳаи кишоварзиро бо соҳаҳои иқтисодиёт инъикос менамояд. Ин раванди гуногуншакл дар тамоми сатҳҳои сохторӣ, инчунин дар тамоми звеноҳо: дар миқёси мамлакат ва вилоятҳо, дар сатҳи сатҳи ноҳияҳо ва хоҷагиҳо рушд мекунад. Маҳз дар ҳамин ҷо асосҳои аз нав мусаллаҳкунии техникии кишоварзӣ ва доираҳои минбаъда, амиқшавии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат гузошта мешаванд»[3].

Қобили зикр аст, ки дар баробари комплекси агросаноатӣ ҳамчунин комплекси озуқаворӣ ҷудо мешавад. Баъзан ин ду мафҳум як хела ба кор бурда мешаванд, ки ин дуруст нест. Комплексҳои агросаноатӣ ва озуқаворӣ бо ҳам зич алоқаманданд, вале онҳо ба ҳар ҳол якзайл нестанд, комплекси озуқаворӣ як қисми КАС мебошад. Дар сохтори комплекси агросаноатӣ қисми озуқавории он (комплекси озуқаворӣ) ҷудо мешавад. Ба он ҳамаи доираҳои комплекси агросаноатиро ба меъёре дохил мекунанд, ки дар он барои истеҳсоли озуқаворӣ ва бо он таъмин намудани аҳолӣ хизмат мекунанд. Илова бар ин, як қисми маҳсулоти кишоварзӣ барои истеҳсоли молҳои васеъ истеъмолшаванда, ҳамчунин барои дигар ҳадафҳои саноатӣ ба кор бурда мешавад. Ин доираҳои комплекси агросаноатӣ ба ҳайати комплекси озуқаворӣ дохил нестанд [4].

Аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии масъалаи озуқавориро баҳо дода, бояд ба эътибор гирифт, ки амалисозии он на танҳо ҳамчун комилан расидан ба ҳадафи рушди истеҳсолот аст инчунин, омили муҳимтарини рушди босуръати иқтисодиёт, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва самаранокӣ дар тамоми доираҳои хоҷагии халқ мебошад. Маълум, ки вазъияти озуқаворӣ ба табъ ва ҳаваси одамон, ба шавқи онҳо дар истифодабарии боэҳтимом ва афзудани моликияти ҷамъиятӣ таъсири бевосита ва мустақим мерасонад. Алалхусус дар марҳилаи имрӯза, вақте дар шароити бозор талабот ва хоҳиши одамон сифатан дигар шудааст, фаъолнокии иҷтимоии онҳо зиёд шуд, хеле муҳим аст. Таъмини қонеъшавии пурра, талаботи қудрати пардохт ба маҳсулоти гуногуни хӯрока, боэътимодона бо хӯрокворӣ таъмин намудани аҳолӣ дар тамоми ноҳияҳои

мамлакат, ки дар Барномаи таъмини озуқаворӣ пешбинӣ шудааст, бе мубоҳиса, ба истифодаи васеи омилҳои иҷтимоӣ, дар ҳамаи коргарон инкишоф додани шавқ ва ташаббус, эҳсоси соҳиби сарфакорӣ, ботадбирӣ ва кордонӣ, намуди фикронии нави иқтисодӣ мусоидат менамоянд [5].

Бинобар ҳамин, қайд кардан зарур аст, ки таъминоти бехатарии ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳат аз самаранокӣ ва устувории рушди КАС вобастагӣ дорад. Бахши аграрӣ пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор меравад, ки он 18,5 %-и ММД-ро таъмин менамояд.

Таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ҳама вақт барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла барои Тоҷикистон низ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосири КАС дар стратегияи умумии рушди босуботи ҷумҳурӣ ин масъала нақши асосиро ишғол менамояд. Маҳз ҳолати он мавқеи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро дар тақсимоти байнихалқии меҳнат ва махсусгардонии ояндадори он, ки ба хусусиятҳои муносибатҳои бозорӣ ва манфиати кишвар ҷавобгӯ аст, муайян менамояд.

Ҳоло дар низоми КАС бахши якум, ки бозсозии индустриалкунонӣ кишоварзиро таъмин мекунад, инчунин соҳаҳои бахши сеюм, ки ба расонидани маҳсулоти кишоварзӣ ба истеъмолкунанда машғуланд, суст инкишоф ёфтаанд. Хусусан соҳаи инфрасохторӣ, хоҷагии роҳу нақлиёт, низоми нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот қафо мемонанд, ки ин ба хисороти калони он оварда меорад. Тавре дар Барномаи бехатарии озуқаворӣи ҷумҳурӣ қайд шудааст, истеъмоли як қатор маҳсулоти дар ҳисоб ба ҳар нафари аҳолӣ нисбат ба истеҳсоли онҳо хеле суст меафзояд. Ин хисороти калони иқтисодӣ меорад, ки равшан ифода шудааст.

Ҳамчунин асосноккунии андозаҳои оқилонаи корхонаҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, тартиб додани вариантҳои муносибтарини ҷойгиронии онҳо нисбат ба хоҷагиҳо аҳамияти муҳим доранд. Бисёр нуқтаҳои хурди маҳсулоттайёркунӣ ва коркард, ки чун қоида дар дарун ҷойгир буданд, барҳам дода шуданд. Ин ба душвории зиёди корхонаҳо аз хоҷагиҳо оварда расонид, ки хароҷот ва хисороти беасоси маҳсулотро ба миён меорад. Ҳоло дар

ҳаёт тадриҷан ба тавъамсозии бештар оқилонаи анборҳои бузург ва хурд, ҳамчунин корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, наздик кардани онҳо ба ҷойҳои истеҳсоли он роҳ пеш гирифтан лозим аст.

**Ҳамин тавр**, аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии масъалаи озуқавориро баҳо дода, бояд ба эътибор гирифт, ки амалисозии он на танҳо ҳамчун комилан расидан ба ҳадафи рушди истеҳсолоти КАС аст инчунин, омили муҳимтарини рушди босуръати иқтисодиёт, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва самаранокӣ дар тамоми доираҳои хоҷагии халқ мебошад.

## Адабиёт

1. Кудратов Р.Р. Формирование продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности: вопросы теории, методологии и практики: дис…док.экон.наук /Р.Р.Кудратов. – Душанбе, 2005 г.

2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе – с.2016.

3. Пиризода Дж.С. Разумная аграрная политика-основа устойчивого развития отрасли / Сборник научных статьей //Актуальные проблемы учета, анализа и финансово-кредитных ресурсов в АПК. -Душанбе, 2018.-С. 5-8.

4. Савченко Е.С. Регулирование агропромышленного производства. – М., 2001, 287с.

5. Одинаев Ш. Т., Аминова Ф. М. Продовольственная безопасность- основа стабильности аграрной экономики страны ////Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Душанбе: «Сино» 2015, серия экономических наук , 2/1 (157), С. 88-93.

# НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В АПК

ОДИНАЕВА С. Б.

**Аннотация:***В данной статье рассматривается научно-теоретические основы обеспечение продовольственной безопасности в АПК. Научно-обоснованы, что продовольственная безопасность - это способность государства и общества обеспечить физическое наличие продуктов питания в достаточном количестве, предоставления гарантий доступа населения к указанным продуктам и их достаточную покупательную способность, а также потребление продуктов питания в тех количествах, которые необходимы для обеспечения потребностей в питании на уровне медицинских норм.*

***Ключевые слова****: научные основы, обеспечение продовольственной безопасности, спрос, предложение, научно-обоснованы АПК*

**SCIENTIFIC AND THEORETICAL FOUNDATIONS ENSURING FOOD SECURITY IN AIC**

**Odinaeva S. B.**

**Annotation**: This article discusses the scientific and theoretical foundations for ensuring food security in the agro-industrial complex. It is scientifically substantiated that food security is the ability of the state and society to ensure the physical availability of food in sufficient quantities, to guarantee the access of the population to these products and their sufficient purchasing power, as well as the consumption of food in the quantities necessary to meet the needs for nutrition at the level of medical standards.

**Key words**: scientific foundations, food security, demand, supply, science-based agro-industrial complex

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Одинаева Сайрамби Баротовна -** унвончуи кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кулоб. 735360, маҳалаи Борбад ш. Кӯлоб. *Sairam* *odinaeva@mail.ru*

**ТДУ: 336.12.3.**

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД

**Имомализода Б.Б., Исоев А.Ш.**

**Аннотатсия:** муаллифон дар мақолаи худ, масъалаи самтҳои асосии такмили танзими давлатии бозори маблағгузории хурдро мавриди таҳлил қарор додаанд. Қайд намудаанд, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ афзалиятҳои асосии танзими давлатӣ дар маҷмӯъ, аз таъсиррасонии мақсаднок ва таъмини устувории ҳамаи сохторҳои молиявӣ, бунёди муҳити муносибе, ки ба рақобат дар байни идоракунандагони гуногуни хизматрасонии молиявӣ мусоидат мекунад, кумак дар ҷиҳати ҳифзи тавозун дар байни мақсадҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратии маблағгузории хурд ва дастгирӣ аз устувории макроиқтисодӣ, иборат мебошад.

**Калимаҳои калидӣ**: танзим, маблағгузории хурд, ташкилотҳои маблағгузории хурд, хизматрасонии молиявӣ, иқтисоди бозоргонӣ, бозори молиявӣ, назорати молиявӣ, бонк.

Ташаккули бозори муосири маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати сатҳи матлуби танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, рушди минбаъда ва такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқиро мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ тақозо мекунад, ки аҳамияти иҷтимоию иқтисодии маблағгузории хурдро дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мекунад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ афзалиятҳои асосии танзими давлатӣ дар маҷмӯъ, аз таъсиррасонии мақсаднок ва таъмини устувории ҳамаи сохторҳои

молиявӣ, бунёди муҳити муносибе, ки ба рақобат дар байни идоракунандагони гуногуни хизматрасонии молиявӣ мусоидат мекунад, кумак дар ҷиҳати ҳифзи тавозун дар байни мақсадҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратии маблағгузории хурд ва дастгирӣ аз устувории макроиқтисодӣ, иборат мебошад.

Омӯзиши масъалаҳои таъсири давлат ба рушди бозори молиявии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он имкон дод ду ҷиҳати таркибии он: дастгирӣ тавассути қонунгузории ҳавсманкунанда (танзим), дастгирӣ аз ҳисоби буҷетро мушаххас кунем. Самти якум хислати умумӣ ва бунёдӣ дошта, дар маҷмӯъ, шароитҳои муносибро барои рушди бозор таъмин мекунад. Самти дуюм бошад, аз татбиқи механизмҳои зарурӣ ва дастгирии он сохторҳои молиявие иборат мебошад, ки барои онҳо захираҳои дар бозор мавҷудбуда дастрас нест. Аммо дилхоҳ дастгирии давлатӣ фақат дар сурате муфид хоҳад буд, ки агар вай ба мақсадҳои дурнамо ва манфиатҳои рушди бозор ҷавобгӯ бошад ва дар он пайдарпайӣ ва мантиқ дар ҷиҳати татбиқи тадбирҳои асосии консептуалӣ дида шавад ва он дорои меъёрҳои объективии андозагирии самаранок бошад [1, с.126].

Давлат барои татбиқи мақсадҳои сиёсати иқтисодии хеш маҷмӯи тадбирҳои хислати қонунӣ, иҷроӣ ва назоратидоштаро, ки олоти танзими давлатиро ташкил медиҳанд, ба вуҷуд меорад. Бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои ташкилию институсионалӣ методҳои танзими давлатиро метавон ба методҳои ҳуқуқӣ, идорӣ ва иқтисодӣ ҷудо кард, ки истифодаи дастаҷамъонаи онҳо дастрасӣ ба мақсадҳои ниҳоиро таъмин мекунад.

Вазифаҳои давлат ҳачун танзимгари бозори мабалағгузории хурд, қабл аз ҳама, аз таҳия ва муайян кардани асосҳои меъёрию ҳуқуқии татбиқи фаъолияти маблағгузории хурд ва тақсими самараноки ваколатҳо оид ба амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва тадбирҳои хислати ҳуқуқӣ, иҷроӣ ва назоратиро дар байни сохторҳои ваколатдори давлатӣ иборат мебошад.

Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ва методҳои назорати молиявӣ, дар маҷмӯъ, ба омилҳои беруна, ки ба рушди бозори маблағузории хурд таъсир мерасонанд, тааллуқ дорад. Дар айни ҳол ду варианти ташкили чараёни назорати фаъолияти маблағгузории хурдро ҷудо мекунанд:

1) назорати беруна, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ, яъне Бонки миллии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад;

2) назорати дохилӣ, ки аз тарафи мақомоти худтанзимкунии ташкилотҳои маблағгузории хурд амалӣ карда мешавад;

Низоми оқилона сохтаи танзими қонунӣ бояд ҳавасмандгардонии фаъолияти маблағгузории хурдро бо дарназардошти ба таври принсипиалӣ сохтани низоми нави назорат ва санҷиш, бунёд кардани шароитҳои муносиб барои фаъолияти иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии ташкилотҳои хурди маблағгузорӣ дар назар гирад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи низоми маблағгузории хурд мусоидат мекунанд.

Вазифаи асосии мақомоти танзимкунандаи маблағгузории хурд аз таъмини тавозун дар байни дастрас будани хизматрасонии молиявӣ, устувории молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон иборат мебошад[2, с.280]..

Чун маблағгузории хурд солҳои охир қудрати бозоргонии худро нишон дода истодааст, унсури ҷонии ҳамаи низоми молиявию қарзии мамлакат буда, аз ин рӯ ,тағйир ва такмили пойгоҳи қонунӣ ва сохтани фазои меъёрию ҳуқуқии он бояд, қабл аз ҳама, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳибкории маблағгузории хурд амалӣ карда шавад.

Асосу поя барои ташаккули низоми давлатии танзими фаъолияти маблағгузории хурдро, ҳамон тавре ки қаблан қайд карда шуда буд, қонуни қабулшудаи ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», муқаррароти меъёрие, ки қабл аз ҳама, ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон равона карда шудаанд, гузоштааст[3, с.1]. Дар чаҳорчӯби қонун марзҳои бозори маблағгузории хурд мушаххас гардида, меъёрҳои асосии ҳуқуқии фаъолияти маблағгузории хурд муайян карда шуда, ҳаҷм, барасмиятдарорӣ ва шароитҳои пешниҳод намудани қарзҳои хурд ба танзим дароварда шуда, тартиби дарёфт ва аз даст додани мақоми ташкилоти маблағгузории хурд муайян карда шуда, ҳуқуқ ва вазифаҳои мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти маблағгузории хурд муайян карда шудааст.

Қонун ду сатҳи танзими фаъолияти ташкилоти маблағгузории хурдро муайян кард:

-танзими давлатӣ, ки тавассути мақоми ваколатдор, яъне Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону амонатгузорон ва таъмини суботи низоми маблағгузории хурд танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд вогузор карда шуд;

-худтанзимкунӣ, ки тавассути иштироки ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ташкилотҳои худтанзимкунанда амалӣ карда мешавад.

Мушаххас аст, ки қабули қонун қадами муҳим дар ҷиҳати ташаккули низоми ҳаматарафаи назорати бозори молиявию қарзӣ буда, асоси ҳуқуқиро барои танзими нисбатан самараноки соҳа бунёд карда, ҳар як ташаббусе, ки аз тарафи давлат пешниҳод мегардад, ба андозаи кофӣ асоснок карда шудааст ва қабл аз ҳама, ба тоза кардани бозор аз ташкилотҳое равона карда шудааст, ки аз рӯи нақшаҳои «сиёҳ» кор карда, онро барои ҷалби сармоягузорони хусусӣ ва институсионалӣ нисбатан ҷолибтар ва ҷаззобтар месозанд. Динамикаи мусбати рушди бозори маблағгузории хурд ва таъсири муносиби ташаббусҳои танзимкунанда бобати баланд бардоштани самаранокии он, таҳлили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, дар бораи он гувоҳӣ медиҳанд, ки механизми фаъолияти он ба такмил ва коркарди ҷиддӣ ниёз дорад ва мизони назорати фаъолияти бахши молиявии хурд ғайрикофӣ боқӣ мемонад.

Таҳлили қонунҳои амалкунанда дар бораи он гувоҳӣ медиҳанд, ки фаъолияти бахши молиявии хурд ба таври назаррас камтар дар муқоиса бо низоми бонкӣ ба танзим дароварда шудааст, ки дар ин ҳолат зарурати қабули қонун комилан возеҳ аст. Аммо талабот ба хизматрасонии молиявии хурд ва рушди мушоҳидашавандаи дороиҳои ташкилотҳои молиявии хурд зарурати бознигарии принсипҳои пойгоҳии танзимро асоснок мекунанд, аз ин рӯ, соҳибкории молиявии хурд дар солҳои охир дар маркази диққати сохторҳои расмии давлатӣ қарор дорад.

Дар вазъияти иқтисодии баамаломада, бахусус, ҳифзи тавозуни муносиб дар байни танзими муносиб ва назорати бозори молиявии хурд зимни ташаккули ҳамзамони стандартҳои пойгоҳии худтанзимкунӣ бисёр муҳим аст[6, с.39]..

Равиши маҷмӯӣ нисбат ба ҳаллу фасли масъалаҳое, ки дар соҳаи танзими давлатии бозори молиявии хурд қарор доранд, бояд аз амалӣ намудани самтҳои зерин иборат бошад:

-такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи ҳамаи самтҳои фаъолияти институтҳои молиявии хурд ва тақвияти қонунии танзимкунанда;

-ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти молиявии хурд бо дарназардошти сохтани низоми ба таври принсипиалӣ нави назорат ва такмили методҳои назорати молиявӣ;

-ҷорӣ намудани стандартҳои ягона ва меъёрҳои фаъолияти молиявии хурд;

-такмили низоми фаъоли маблағгузорӣ ва дастгирии буҷетии пойгоҳи захиравӣ ва тавсеаи сарчашмаҳои бунёди фондҳо барои ташкилотҳои молиявии хурд;

-таҳия ва истифодаи низоми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои молиявии хурд;

Дар ҳоли ҳозир фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳти дигагуншавиҳои ҷиддӣ ва тағйирёбии куллӣ ба иллати тағйирёбиҳои васеъ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ва ҷорӣ намудани як қатор ташаббусҳои қонунии нигаронидашуда ба ташаккули пойгоҳи кории меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои молиявии хурд ва муносибат ба истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ қарор дорад.

Ҷорӣ намудани маҳдудият барои андозаҳои фоиз мутобиқ ба қарзҳо яке аз омилҳои калидии муайянкунандаи рушди бозори молиявии хурд ва аз ҷумла, сегменти аз ҳам зиёди он – «қарз то маош» мебошад. Дар чаҳорчӯби амалӣ намудани тадбирҳо доир ба маҳдуд сохтани андозаҳои фоизи қарзҳои хурд аз тарафи танзимгар масъалаи муайян кардани ҳаҷми ниҳоии маблағи қарз, ки набояд аз андозаи чоркаратаи ҳаҷми маблағҳои ба даст овардаи қарзгиранда убур кунад, пешниҳод карда шудааст[5, с.187].. Дар айни ҳол қайд кардан бамаврид аст, ки иштирокчиёни зиёди бозор ин мавқеи танзимгарро дастгирӣ мекунанд ва чунин фикр мекунанд, ки далели асосӣ барои ҷуброни қарз бояд фоизҳои қарз, ки барои маблағи қарз муайян карда шудаанд, бошанд, дар сурате, ки маҳдудкуние, ки барои муайян кардани маблағи қарз муайян карда шудааст, баръакс қарзгирандаро ба он водор мекунад, ки қарзро дар муҳлати муайян кардашуда пардохт накунад.

Ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ манфиатҳо ва имконоти ТМХ-и ҷумҳуриро ба назар гирифтан зарур аст. Дар айни ҳол таъмини диверсификастияи сарчашмаҳои пур кардани маҷмӯи қарзҳои ТМХ роҳандозии ҳамкорӣ бо фондҳои байналмилалӣ ба мақсади ҷалби сармояҳои иловагиро бисёр муҳим меҳисобем. Ташкилотҳои маблағгузории хурдро зарур аст, ки меъёри фоизро ба таври максималӣ вобаста ба категорияҳои қарзгирандагон дифференсиатсия намоянд. Дар ин баробар, баланд бардоштани фоиданокии

ТМХ ба воситаи пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзноки марбут ба имконоти истифодаи низоми содагардонидашудаи андозбандӣ амалӣ карда мешавад.

Ба андешаи мо, истифодаи низоми содагардонидашудаи андозбандиро барои чунин ташкилотҳо қонунан ҷорӣ намудан лозим аст. Ба мақсади коҳиш додани хароҷоти пешбинишавандаи ТМХ сохтани барномаҳои махсуси ҳамкориро бо чунин ташкилотҳои байналмилалӣ пешниҳод намудан лозим аст, ки имкон медиҳанд баргашти маблағҳои додашуда афзояд ва боиси харҷҳои назарраси ТМХ нашавад.

Дар поён қайд кардан ҷоиз аст, ки вазифаи ҳифзи манфиатҳои ташкилотҳои молиявии ҷумҳуриявӣ ва ба мақомоти марбутаи давлатӣ вогузор кардан лозим аст ва шомил шудани онҳо ба низоми содагардонидашудаи андозбандиро ба мақсади ҳаддиақалсозии харҷҳо истисно кардан лозим аст.

**Ҷадвали 1**

**Тавсияҳои методӣ доир ба такмили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии маблағгузории хурд дар ҶТ**

| САМТИ ТАКМИЛИ МЕТОДӢ | МАСЪАЛАҲОИ АСОСӢ | ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ |
|---|---|---|
| Ҷорӣ намудани стандартҳо дар маблағгузории хурд | Дар қонунгузорӣ мавҷуд будани фақат дуто меъёр барои ТМХ, ки хусусиятҳои гуногуни категорияҳои институтҳои маблағгузории хурдро ба назар бигиранд. | Зарур аст дар сатҳи қонунӣ ташаккул додани рӯйхати меъёрҳои мушобеҳ ба фаъолияти бонкӣ, ки ТМХ бояд ба он мутобиқат дошта бошанд ва дар асоси он натиҷаҳо ба таҳияи рейтинги ин ташкилот баргаштан лозим аст. Ба таври қонунӣ ҷорӣ намудани меъёрҳо барои ТМХ бояд хислати дифференсионалӣ дошта бошад ва синни ТМХ, хусусият маҷмӯи қарзҳо ва андозаи сармояи шахсӣ ба назар гирифта шавад. |
| | Набудани шаклҳои якхелаи ҳисобот барои ТМХ, инчунин пойгоҳи ягона барои нигоҳдории мутамарказонида. | Таҳкими имконияти ташаккули сабти ягонаи марказонида барои ТМХ, ки истифода-барандагони онҳо метавонанд мақомҳои гуногуни танзимкунандаи мақом ва ниҳодҳои қарзӣ бошанд. |
| | Набудани нишондиҳандаҳоиягонае, ки уствории молиявии ТМХ -ро тавсиф намоянд. | Имконияти истифодаи таҷрибаи бонкӣ ба мақсади арзёбии уствории молиявии ташкилоти маблағгузории хурдро мавриди баррасӣ қарор додан лозим аст. |

| | | |
|---|---|---|
| | Мавҷуд набудани қоидаҳо доир ба муайян кардани арзиши ниҳоии қарзи хурд | Дар асоси қонунӣ барои ТМХ ҷорӣ намудани қоидаи муҳосибаи меъёри фоизҳои самаранок доир ба қарзҳои хурд ва рӯйхати иттилоот дар бораи арзиши пурраи он шомили комиссионҳо ва авориз. |
| | Дар таҷрибаи ташкилотҳои қарзӣ имкони суғуртаи саҳмҳо аз варшикастагии ТМХ мавҷуд намебошад. | Имконияти ба таври қонунӣ ҷорӣ намудани механизми суғуртаро ба воситаи ҷамъияти суғуртаи мутақобила мавриди баррасӣ қарор додан лозим аст. Истифодаи ин таҷриба имкон хоҳад дод, хавфҳои ба даст овардани пардохтҳои суғуртавии саҳмдорон дар сурати варшикаста шудани ТМХ коҳиш дода шаванд. |
| | Мавҷуд набудани меъёрҳои муайяншудае, ки имкон медиҳанд арзёбии самаранокии иҷтимоии ТМХ гузаронида шаванд. | Дар сатҳи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ параметрҳоеро ҷорӣ кардан лозим аст, ки имкон медиҳанд самаранокии иҷтимоии ТМХ арзёбӣ карда шаванд. |
| Мусоидат ба идоракунии самараноки хавфҳои қарзӣ | Мавҷуд набудани меъёрҳои муайяншудаи арзёбии рейтингии ТМХ<br>Мавҷуд набудани стандартҳои ягонаи таснифи дороиҳои ТМХ ва бонкҳо. | Ба таври ҳатмӣ ҷорӣ кардани таъйини рейтинги ТМХ, ба хотири он ки бонкҳои пуркудрат битавонанд ширкатҳои дар рӯйхати болои рейтинг қарордоштаро маблағгузорӣ намоянд; ба ҷуз аз ин, ҷорӣ кардани стандартҳои қонунии ягонаи таснифи дороиҳои ТМХ ва бонкҳои тиҷоратӣ зарур мебошад. Имкони сохтани арзишҳои миллии рейтингии ТМХ ва ягонасозии ҷадвал барои муҳокимаи арзёбиҳо. |

## Давоми ҷадвали 1

## Тавсияҳои методӣ доир ба такмили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии маблағгузории хурд дар ҶТ

| САМТИ ТАКМИЛИ МЕТОДӢ | МАСЪАЛАҲОИ АСОСӢ | ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ |
|---|---|---|
| Мусоидат ба идоракунии самараноки хавфҳои қарзӣ | Мавҷуд набудани нормаи меъёрию ҳуқуқие, ки имкон медиҳад амалиётҳо доир ба муҳофизасозии дороиҳо амалӣ карда шавад. | Дар пойгоҳи меъёрию қонунгузории ҶТ ворид кардани имконоти гузаронидани амалиёт доир ба муҳофизати дороиҳои ТМХ. Ба апекс - ашкилотҳо додани имконот ҷиҳати гузаронидани муҳофизати дороиҳои ТМХ. Ба унвони сарчашмаҳои алтернативии маблағгузорӣ масъалаи ҷалби сармояи хусусиро ба воситаи чопи вомбаргҳо мавриди баррасӣ қарор додан лозим аст. |
| Инкишофи инфрасохтори дастгирии маблағгузории хурд | Мавҷуд набудани таҷрибаи қонунии муттаҳид намудани функсияҳои ТМХ ва ниҳодҳои калони инфрасохторӣ. | Имконоти муттаҳид намудани тиҷорати ТМХ бо тиҷорати институтҳои инфрасохторӣ дар чаҳорчӯби сиёсати фурӯши муштарак, алянсҳои стратегӣ, ширкатҳои фаръии бонкҳо, инчунин созишномаҳои дарозмуддат барои хизматрасониро мавриди баррасӣ қарор додан. |
| | Мавҷуд набудани механизмҳои таҳия кардашудаи маблағгузории буҷетии ТМХ. | Имконоти ҷудо кардани кумакҳои пулӣ аз ҳисоби буҷет ба ТМХ шахсӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, ки шомили реестри давлатии мақоми |

| | | |
|---|---|---|
| | | ваколатдор мебошанд, (БМТ. АМФОРТ), ба мақсади маблағгузории хурд ба соҳибкорони навкор. |
| | Мавҷуд набудани механизми ироаи дороиҳои иловагӣ аз тарафи бонкҳо зимни маблағгузории ТМХ. | Дар таҷрибаи бонкии ҷумҳурӣ татбиқ намудани имконоти ба бонкҳое, ки маблағгузории ТМХ анҷом медиҳанд, пешниҳод намудани доройӣ дар шакли РЕПО ба мухлати аз 1 то 6 моҳ ва дар оянда ба РЕПО додани мақоми маблағгузории такрорӣ ба мақсад мувофиқ аст. |
| | Мавҷуд набудани дастгирии самараноки ТМХ, ки соҳаи кишварзиро маблағгузорӣ мекунанд. | Ба таври қонунӣ муайян кардани мақоми низоми миллии кишоварзии маблағгузории хурди мамлакат бо дарназардошти шабакаи шохадори ТМХ ва бонк-шарикон, ки ба таври афзалан дар манотиқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутамарказонида шудаанд. |

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Истифодаи амалии ин тавсияҳо имконият медиҳад, ба таври назаррас сифати фаъолияти маблағгузории хурд баланд бардошта шуда, имконоти истифодаи қарзҳои хурд дар бахши соҳибкории хурду миёна, инчунин дастгирии аҳолӣ тавсеа дода шавад. Ба ҷуз аз ин, истифодаи ин тавсияҳо ба такмили низоми қарзӣ дар шароити гузариш ба маблағгузории хурд ва якпорчагии инфрасохтори он бо дарназардошти талаботи соҳибкорӣ ва амалӣ намудани самтҳои муҳимми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Дурнамои рушди минбаъдаи бозори молиявии хурд дар бисёр ҷиҳат ба самаранокии тадбирҳое, ки аз тарафи танзимгар дар бахши вазифаҳои назоратии соҳаи фаъолияти молиявии хурд амалӣ карда мешавад, вобаста аст.

Масъалаҳои таъсиррасонии ташаббусҳо доир ба сохтани танзимгари молиявӣ барои дурнамои рушди соҳаи молиявии хурд мавзуе мебошад, ки вақтҳои охир ба таври фаъолона аз тарафи коршиносони молиявӣ, таҳлилгарон ва иштирокчиёни бозор мавриди баррасӣ қарор гирифта истодааст[4, с.312]..

Механизми мушаххас кардани вазифаҳои танзимгарӣ ва санҷишию назоратӣ дар марҳилаи таҳияву тадвин қарор дорад ва тарси асосии иштирокчиёни бозор аз он иборат аст, ки танзими бозори молиявии хурд аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон шабеҳ ба танзими бонкӣ бидуни дар назар

гирифтани хусусиятҳои соҳаи маблағгузории хурд, аз нуқтаи назари бизнес-моделҳо, сохторҳои институсионалӣ ва формати расонидани хизматрасонӣ, ки дорои фарқиятҳои худ мебошад, амалӣ карда мешавад. Танзими бахши маблағгузории хурд бояд ба тарзи дигар роҳандозӣ карда шавад: назорат бояд аз рӯйи интизоми бозоргонӣ сурат бигирад на аз болои устувории молиявӣ. Зоҳиран бошад, интиқоли стандартҳои танзими бонкӣ ба бозори маблағгузории хурд боиси ба соҳибкории «сиёҳ» мунтақил шудани бархе аз соҳибкорони бозори маблағгузории хурд хоҳад шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки «бозори маблағгузории хурд дорои иқтидори калон мебошад, аммо танзим ва назорати он чараёни сода нест, чунки танзимгар одат кардааст, ки бо ташкилотҳои қарзӣ кор кунад, соҳибкории он калонҳаҷм буда, аз соҳибкории ташкилотҳои молиявии хурд калонтар мебошад. Ҳатто замоне ҳам буд, ки Бонки миллӣ ба фаъолияти маблағгузории хурд таваҷҷуҳ зоҳир намекард, аммо бо гузашти замон имрӯз вазъият хеле тағйир ёфта фарқ кардааст ва диду назари Бонки миллӣ нисбат ба ин сегменти бозори молиявӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтааст».

Ба ҳайси принсипҳои асосӣ дар асоси танзим ва назорати бозори молиявии хурд, ки бояд «шаффоф, муфид ва бехатар гардад», Бонки миллии Тоҷикистон мавридҳои зеринро муайян кардаст:

-бахши маблағгузории хурд бояд стандартҳои миллӣ ва талаботро иҷро кунад;

-танзими бозори маблағгузории хурд бояд бар рӯйи принсипи мутаносибӣ асос ёбад.

Дар чаҳорчӯби ҳамкории сохторҳои маблағгузории хурд ва Бонки миллии Тоҷикистон маҷмӯи чорабиниҳои аввалиндараҷае мушаххас гардидаанд, ки ба сохтани бозори мутавозин ва танзимшавандаи молиявии хурд равона карда шудаанд, дар байни онҳо мавридҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

1) муайян кардан ва назорати сахт аз болои фаъолияти маблағгузории хурди ташкилотҳое, ки ба феҳристи ТМХ шомил нестанд ва ҳаққи машғул шудан ба ин намуди фаъолиятро надоранд; манъ кардани намудҳои фаъолияте, ки ба маблағгузории хурд шомил нестанд;

2) таъмини шаффофияти иттилоотӣ ва «тоза» кардани бозор тавассути назорати сахт аз болои риоя кардани меъёрҳои умумии пазируфташуда ва ҷорӣ кардани ҷарима бар алайҳи ташкилотҳое, ки талаботҳои қонунгузории фаъолро вайрон мекунанд;

3) дастгирии ташаббусҳо доир ба рушди ниҳоди худтанзимшаванда, татбиқи қонунии талабот дар бораи иштироки ташкилотҳои молиявии хурд, сохтани стандартҳои ягонаи идоракунии корпоративӣ ва баланд бардоштани сатҳи ифшои иттилоот;

4) танзими андозаҳои фоизи қарзҳои хурд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои нархгузорӣ ва кам кардани хавфҳо дар сохтори маблағгузории хурд ба амал бароварда мешавад;

5) таҳия ва татбиқи стандартҳои равобити мутақобилаи бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, имкон медиҳанд муносибатҳо дар байни ду сегменти бозори молиявӣ дар асоси фоидаи тарафайн ва амалӣ ба роҳ монда шавад;

6) рушди олотҳо ва таҳияи механизмҳои ироаи дастрасии ташкилотҳои молиявии хурд ба сарчашмаҳои иловагии молиявӣ.

Қайд карда мешавад, ки «теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд - ин нишондиҳандаи сифати корҳои онҳо намебошад», вазифаи худро Бонки миллии Тоҷикистон, қабл аз ҳама, дар дар «пок» кардани бозори молиявии хурд ва таъмини иттилооти шаффоф тавассути назорати сахт аз болои риояи меъёрҳои ба таври умум пазируфташуда ва ҷорӣ кардани ҷаримаҳо бар алайҳи ташкилотҳое, ки қонунгузории фаъолро вайрон мекунанд ва ташкилотҳое, ки

эродҳои гирифтаро нисбат ба фаъолияти хеш сари вақт бартараф намекунанд, мебинад.

Яке аз принсипҳои муҳимтарини танзимгар, ки ба оптимизатсияи теъдоди муштариён дар бозори маблағгузории хурд равона карда шудааст, ҷорӣ намудани захира барои масъалаи қарздориҳо барои ташкилотҳои ғайрибонкие, ки ба додани қарзҳои кӯтоҳмуддати бегарав машғул мебошад ва имконоти ба назар гирифтани захираҳо дар муҳосиботи андоз маҳсуб мегардад [7, с.15]. Ин амал ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар баробари ташкилотҳои қарзӣ мегузорад ва ҳисоботи объективии молиявиро таъмин мекунад, ки ба таври мусбат ба баланд бардоштани ҷолибии сармоягузории сектор мусоидат мекунад. Бонки миллӣ нақшаи интиқоли ташкилотҳои молиявии хурдро ба ҷодаи захирасозӣ муайян кардааст, ки дар дурнамои наздик самаранокии тадбирҳои қабулшуда бояд мушаххас гарданд.

Татбиқи талабот оид ба пешниҳод намудани иттилоот дар бораи қарзгирандагон ба Бюрои таърихии қарзҳо дар асоси доимӣ боиси сахт шудани талабот нисбат ба қарзгирандагон аз тарафи ташкилотҳои молиявӣ мегардад. Дар сатҳи танзимгар ташаббус доир ба ташаккули Бюрои ягонаи марказонидашудаи таърихи қарзҳо баррасӣ шуда истодааст, ки пойгоҳи додашудаҳои онҳо дар асоси таърихи қарзҳои муштариёне сохта мешавад, ки онҳо аз тариқи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври расмӣ маблағ дарёфт кардаанд. Ин тадбир ба қарзгирандагони ташкилотҳои маблағгузории хурд имкон медиҳад, таърихчаи қарзии худро беҳтар намуда, ба маҳсулотҳои бонкӣ гузаранд.

Назорати арзиши пурраи қарз дар асоси семоҳа қобили пешгӯӣ буда, ба коҳиш ёфтани андозаҳои фоиз дар бозори ташкилотҳои молиявии хурд мусоидат карда, ба таври назаррас дастрасиро ба қарзҳои хурд барои истеъмолкунандагон беҳтар мекунад. Дар айни ҳол барои муҳосибаи

объективонаи арзиши пурраи қарз бо таваҷҷӯҳ ба навъи маҳсулоти қарзии пешниҳодшаванда марзбандии сегменти бозори молиявии хурд мутобиқ ба қарзгиранда (шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ) ва сарчашмаи маблағгузорӣ, ки аз тарафи муассисаҳои гуногуни маблағгузории хурд ироа мегарданд (хусусӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд) ба таври кофӣ асоснок карда шуда аст. Маълум аст, ки барасмиятдарорории қонунии қоидаҳои ҷудогонаи танзим барои сегментҳои ҷудогонаи бозор бояд гуногун бошад.

Ба ҳайси яке аз ташаббусҳои танзимгар пешниҳод дар бораи ҷудо кардани ташкилотҳои муҳимми маблағгузории хурд, ки дар зери назорати ҷиддии дастгоҳи маркази танзимгар қарор хоҳад гирифт, дар сурате, ки ташкилотҳои маблағгузории хурди боқимонда дар байни Идораи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистн аз рӯйи маҳалли бақайдгирӣ тақсим карда хоҳанд шуд. Ташаббусҳои асосии қонунгузорӣ доир ба дастгирии бозори маблағгузории хурд, ки ба тақвияти нақши иҷтимоии маблағгузории хурд равона карда шудаанд, лозим аст аз тарафи иштирокчиёни калон ва муваффақи бозор баррасӣ ва татбиқ карда шаванд.

Ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон доир ба ҷорӣ намудани низоми назоратии дузинагӣ дар бозори молиявии хурд ба таври истисноӣ саривақтӣ ва мубрам буда, ба таври табиӣ ба консепсияи ташаккул дар дурнамои низоми бонкии сезинагӣ ҷойгузин мешвад. Ин ба он алоқаманд аст, ки дар бозор ташкилотҳои молиявии хурди гуногун: ҳам ташкилотҳои калон, ки асосан дар минтақаҳо кору фаъолият мекунанд ва ҳам ташкилотҳои на он қадар калон, ки дар ҳудуди як ҷамоат барои аҳолӣ қарзҳои хурд пешниҳод мекунанд, фаъолият мекунанд. Дар Бонки миллии Тоҷикистон истифодаи принсипҳои мушобеҳи танзимро барои ташкилотҳои калон нодуруст меҳисобад, дар сурате, ки ин принсип барои ташкилотҳои хурд басанда ва кофӣ мебошад. Низоми дузинагӣ ба ташкилотҳои калон барои рушди минбаъда имконият фароҳам оварда,

ташкилотҳои хурдро бошад, аз фишори иловагӣ озод мекунад. Меъёри асосии тақсим кардани ташкилот ҳаҷми сармоя мебошад: нисбат ба ташкилотҳои қарзии хурд талаботи ҳаҷми сармоя ироа карда намешавад, дар сурате, ки мақоми ташкилотҳои молиявии хурдро он ташкилотҳое метавонанд ба даст биоранд, ки сармояи на камтар аз 6 миллион сомонӣ дошта бошанд. Манъи ҷалби маблағҳои шахсони воқеӣ, ки барои ташкилотҳои қарзии хурд ҷорӣ карда шудааст, омили боқуввати мутаваққифкунандаи бозор шуда наметавонад, чунки дар айни ҳол низ ташкилотҳои хурд барои ҷалби маблағҳои шаҳрвандон дар хаҷми даркорӣ барои пеш бурдани соҳибкорӣ омода нестанд. Ташкилотҳои маблағгузории хурди калонҳаҷм ҳуқуқи ҷалби маблағҳои шахсони ҳақиқӣ, нашри вомбарг, секюритизатсияи қарзҳо ва истифодаи дигар сарчашмаҳои молиявиро нигоҳ доштаанд.

Васеъ кардани роҳҳои маблағгузорӣ дар ниҳояти кор, бояд ба коҳиш ёфтани арзиши ҷо ба ҷо кардани маблағҳо таъсири худро бирасонад.

Дар чаҳорчӯби вазифаҳои назоратӣ Бонки миллии Тоҷикистон ба тарҳи калонҳаҷми санҷиши бозори молиявии хурд ва воситаи ҷамъоварии нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, ки онҳо мутобиқ ба он бояд ба департаменти устувории молиявии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти худ бо роҳи пур кардани саволномаи махсус дар формати электронӣ маълумот пешниҳод намоянд, оғоз кард.

Татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо доир ба танзими давлатӣ ва назорат аз болои бозори молиявии хурд дар якҷоягӣ бо тадбирҳо доир ба дастгирии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба соҳибкории бозори молиявии хурд имкон медиҳад, мавқеи худро дар низоми молиявию қарзии мамлакат тақвият бахшида, ба маъруф гардидани хизматрасонии молиявӣ мусоидат намуда, онҳоро нисбат ба дастрасӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ва қишрҳои васеи аҳолӣ дар дастрас қарор диҳад.

Чунин меҳисобем, ки дар дурнамои кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат барои сегменти молиявии хурд равияҳои зерин хос мебошад:

-ҳифзи суръати ба таври кофӣ баланди рушд дар пасманзари коҳиш ёфтани суръати қарзҳои истеъмолии бонкӣ;

-тавсеаи инфрасохтори ҳудудӣ ва тақвияти рақобат дар байни иштирокчиёни бозори молиявии хурд, ки ба баландравии дастрасӣ ва сифати хизматрасонии молиявӣ ба таври мусбат таъсир мерасонад;

-тахассусбандии институтҳои молиявии хурд ва сохторбандии қарзгирандагон;

-тақвияти фаъолияти танзимгарии Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои худтанзимшаванда;

-тавсеаи олотҳои фондсозии ташкилотҳои маблағгузории хурд;

-маҳдудиятҳои меъёрии андозаи ҷойгир кардани захираҳо, ки ба коҳиш ёфтани андозаи қарзҳои додашаванда оварда мерасонад;

-баланд бардоштани донишҳои молиявии аҳолӣ ва аз тарафи ҷомеа андӯхтани таҷрибаи қардиҳии ғайрибонкӣ.

Дурнамо барои рушди самараноки бозори маблағгузории хурд возеҳ ва равшан аст ва сабабҳои он чандто мебошанд:

-аввалан, олоти коршоями молиявии хурд ва тавсеаи дастрасӣ ба маблағгузории берунаи субъектҳои соҳибкории хурд;

-дуюм, талаботи хеле бисёр ва воқеӣ ба хизматрасонии молиявии хурд;

- самаранокӣ ва устувории молиявии ташкилотҳое, ки дар ин сегмент кору фаъолият мекунанд;

-сеюм, ҷараёни фаъол доир ба институтсионалисозии бозори молиявии хурд ва ташаккули стандартҳои ягонаи фаъолият.

**Адабиёт:**

1. Имомалиев Б.Б. Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе 2020, С.126

2. Имомалиев Б.Б. Нақши ташкилотҳои маблағгузории хурд дар рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав1/3 (65) Бохтар- 2019 саҳ.279-282;

3. Қонуни Ҷумҳурии тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», ш. Душанбе, 16 апрели соли 2012, № 816,С.1.

4. Мухаммад Юнус Алан Жоли. Создавая мир без бедности. Социальный бизнес и будущее капитализма. НП «НАУМИР», 2010. 312 с.

5. Саидмуродов, Ш. М. Хавфу хатарҳои ғайримолиявӣ ва идоракунии он дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд / Ш. М. Саидмуродов, Б. Б. Имомалиев // Кишоварз. – 2019. – No 3. – P. 186-190. – EDN UERTGM.

6. Хайрзода Ш.Қ., Хоҷаев Б.Б. Финансова и институциональная основа повышения и улучшения банковского кредитования в сельском хозястве // Финансово – экономический вестник. 2019. № 4 (20). С. 35-43.

7. Хикматов У.С. Хикматов С. Низкий уровень финансовой грамотности как негативный фактор развития финансово-кредитной системы / Хикматов У.С., Хикматов С.// Вестник Таджикского Национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2019. №3. Часть 2. Душанбе.С.14-18.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МИКРОФИНАНСОВОГО РЫНКА

**Имомализода Б.Б., Исоев А.Ш.**

**Аннотатция:** Авторы в своей статье проанализировали вопрос об основных направлениях совершенствования государственного регулирования микрофинансового рынка. Они отметили, что в условиях рыночной экономики основными приоритетами государственного регулирования в целом являются целенаправленное воздействие и обеспечение устойчивости всех финансовых структур, создание подходящей среды, способствующей конкуренции между различными менеджерами финансовых услуг, содействие в поддержании баланс между социальными целями и микрофинансовым бизнесом и поддержка макроэкономической стабильности.

**Ключевые слова**: регулирование, микрофинансирование, микрофинансовые организации, финансовые услуги, рыночная экономика, финансовый рынок, финансовый контроль, банк.

## THE MAIN POINTS OF IMPROVEMENT OF THE STATE REGULATION OF THE MICROFINANCE MARKET

**Imomaliev B.B. Isoev A.Sh.**

**Annotation**: The authors in their article, analyzed the issue of the main areas of improvement of the state regulation of the microfinance market. They noted that in the conditions of a market economy, the main priorities of state regulation in general are targeted influence and ensuring the stability of all financial structures, creation of a suitable environment that promotes

competition between different managers of financial services, assistance in maintaining the balance between social goals. and microfinance business and support for macroeconomic stability.

**Keywords:** regulation, microfinance, microfinance organizations, financial services, market economy, financial market, financial control, bank

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Имомализода Баҳодур Бобомурод** - омӯзгори кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел +992881080001.

**Исоев Аслиддин Шамсиддинович** - унвонҷӯи кафедраи Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тел:+992918944507.

# ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОНИ МАҶАЛЛАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИЮ ИСТЕҲСОЛИИ «КАС»-И Тоҷикистон: иқтисодиёт, ташкилӣ ва идоракунӣ

**Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:**

**а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқар рарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;**

**б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;**

**в)мавзуи мақола бояд ба самти маҷалла мувофиқат намояд.**

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

**Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.**

**Формулаҳо, аломатҳо ва нишонаҳои ҳарфҳои бузургиҳо бояд дар муҳаррири фор мулаи Microsoft Equation ва ѐ Math Type**

**(ҳуруфи 12) ҳуруфчинӣ карда шаванд. Танҳо он формулаҳое, ки ба он истинод оварда шудаанд, рақамгузорӣ карда мешаванд.**

**Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд ва ин чунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.**

**Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиѐти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 6 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.**

**Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:**

**1. Индекси ТДУ барои мақола;**

**2. Номи мақола;**

**3. Насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Раҳимов С.Ҳ.);**

**4. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он) кору фаъолият менамояд (янд), нишонии муассиса, шаҳр, кишвар;**

**5. Матни асосии мақола;**

**6. Рӯйхати адабиѐти истифодашуда (на бештар аз 10 номгӯй);**

**7. Номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия гарданд;**

**8. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 5-7 сатр ва калидвожаҳо аз 5 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад.**

**9. Номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо (агар мақола бо забони тоҷикӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ; агар мақола бо забони русӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; агар мақола бо забони англисӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гарданд.**

**Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиѐти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад.**

**Намуна: [4, с.15], яъне адабиѐти №4 ва саҳифаи 15.__**

# ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ
# ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОГО ЖУРНАЛА «АПК»
## Таджикистана: экономика, организация и управление

**Научные статьи, представленные для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: а) научная статья должна быть подготовлена в соответствии с требованиями, установленными журналом; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.**

**Требования к оформлению научных статей:**

**Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текста и Times New Roman Tj для таджикского текста, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал 1,5 мм.**

**Формулы, символы и буквенные обозначения величин должны быть набраны в редакторе формул Microsoft Equation или Math Type (шрифт 12). Нумеруются лишь те формулы, на которые имеются ссылки.**

**Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать, а также, их должны иметь название.**

**Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 6 до 10 страниц в формате А4.**

**Статья должна иметь следующую структуру:**

**1.Индекс УДК на статью можно получить в любой научной библиотеке;**

**2. Название статьи;**

**3.Фамилия и инициалы автора (пример: Рахимов С. Х.);**

**4. Название организации, в которой работает автор (ы) статьи, почтовый адрес организации, город, страна;**

**5. Основной текст статьи;**

**6. Список использованной литературы (не более 10 наименований);**

**7. Название статьи, аннотация и ключевые слова (на таджикском, на русском и английском языках);**

**8. Аннотация оформляется в объеме не менее 5-7 строк, ключевые слова от 5 до 10 слов или словосочетаний;**

**9. Название статьи, аннотация и ключевые слова (если статья на таджикском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на русском и английском языках; если статья на русском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на таджикском и английском языках; если статья на английском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на таджикском и русском языках).**

**При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.15], т.е., литература №4 и страница 15.**

# RULES FOR THE AUTHORS

## Theoretic and scientific practical magazine «AIC» economics, organization and management

**Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: a) the scientific article must be prepared in accordance with the requirements established by the journal; b) the article must be the result of scientific research; c) the topic of the article must correspond to one of the scientific directions of the journal.**

**Requirements for the design of the scientific articles:**

**The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English text and Times New Roman Tj for Tajik text, size - 14, fields - 2.5 cm from all directions, interval - 1.5. Formulas, symbols and letter designations of quantities must be typed in the formula editor Microsoft Equation or Math Type (font 12).**

**Only those formulas to which there are references are numbered.**

**Tables, diagrams, diagrams and figures must be grouped and numbered, and also, they must have a name.**

**The volume of the article (including annotation and bibliography) should be in the range of 6 to 10 pages of A4 format.**

**The article should have the following structure:**

**1.UDC index per article;**

**2.Title of the article;**

**3.Surname and initials of the author (example: Rahimov S.H.);**

**4.The name of the organization in which the author (s) of the article works, the postal address of the organization, city, country;**

**5.The main text of the article;**

**6.List of used literature (no less than 6 and no more than 7 titles of scientific literature).**

**7.Title of the article, abstract and keywords (up in Tajik, in Russian and English).**

**8.Annotation is drawn up in the amount of at least 5-7 lines, keywords from 5 to 10 words or phrases;**

**9.Title of the article, abstract and keywords (if the article is in Tajik, the abstract and keywords are drawn up in Russian and English; if the article is in Russian, the abstract and keywords are made out in Tajik and English; if the article is in English, abstract and keywords are drawn up in Tajik and Russian).**

**When citing specific material, links are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.15], that is, the literature No.4 and page 15.**

# КАС–Тоҷикистон:
## иқтисодиёт, ташкилӣ ва идоракунӣ

# АПК–Таджикистана:
## экономика, организация и управление

# AIC–Tajikistan
## economics, organization and management

# №1(49)2021

Ба матбаа 28.01.2021 супурда шуд.
Ба чопаш 02.02.2021 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/8. 9 ҷузъи чопӣ.
Чопи офсет. Қоғази офсет.
Адади нашр 100 нусха

Дар ҶСП «Нашриёти муосир» чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3